Маълумот ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба рафти иҷрои бандҳои Нақшаи амали Барномаи дастгирии давлатӣ
ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои солҳои 2023-2027,
(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2023, №50)

**Банди 1** (Омода намудани таклиф ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор бахри пешниҳоди имтиёзҳо ба бахши соҳибкории хусусӣ, инчунин аз байн бурдани таҷрибаи пешниҳод намудани имтиёзҳои андозию гумрукӣ барои субъектҳои соҳибкории алоҳида ва ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозӣ барои фаъолияти бахши хусусӣ, махсусан дар самти истеҳсолӣ).

Тибқи иттилои Вазорати молия бо мақсади саноатикунонии босуръати кишвар, рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва ба ин васила ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ дар Кодекси андоз дар таҳрири нав на танҳо имтиёзу сабукиҳои зикргардида нигоҳ дошта шуданд, балки бо вуҷуди таъсири манфии онҳо ба қисми даромади буҷети давлатӣ боз иловатан сабукиҳои зиёд пешниҳод гардидааст. Бар замми ин, номгӯи андозҳо аз 10 то 7 намуд кам гардида, меъёрҳои якчанд намуди онҳо паст карда шудааст.

Ҳамзамон, ҷиҳати васеъ намудани фаъолияти инноватсионию технологӣ воридоти таҷҳизоти инноватсионию технологӣ, ки бевосита барои эҳтиёҷоти худии чунин субъектҳо истифода карда мешавад, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда шуд, яъне низоми мазкур бевосита ба рушди соҳаи саноат нигаронида шудааст.

Илова бар ин, дар Кодекси мазкур ҷиҳати ноил шудан ба сатҳи баланди рушди иқтисодӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагии шоистаи мардум воридот ва таҳвили минбаъдаи техникаҳои кишоварзӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳсулоти такмилии техника ва мошинолоти кишоварзӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳсулоти такмилии автомашинаҳои сабукрав, боркашу борбардор аз ҷониби корхонаҳои истеҳсолкунанда аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда шуд, ки имтиёзи мазкур барои истеҳсоли техникаҳои кишоварзӣ ва автомашинаҳои ватанӣ замина мегузорад.

Ҷиҳати дастгирии давлатии саноат, аз ҷумла вобаста ба азнавтаҷҳизонидани истеҳсолот ва ҷалби сармоя иҷозати тарҳи хароҷот аз даромади андозбандишаванда бо роҳи зиёд намудани меъёри тарҳи хароҷоти истеҳлоки воситаҳои асосӣ, рекламавӣ, намояндагӣ ва дигар хароҷоти шабеҳ васеъ карда шуданд.

Инчунин, ба андозсупорандагон ҳуқуқ дода шудааст, ки ҳангоми насби таҷҳизоти технологии нав, азнавтаҷҳизонии техникӣ, тарҳкунии сармоягузориро бо меъёри аз 5 то 10 фоизи арзиши воситаҳои асосии қайдшуда аз даромади умумии андозбандишаванда истифода намоянд.

Ҷиҳати таъмини фаъолияти рақобатпазирии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва коҳиш додани сатҳи иқтисодиёти ғайрирасмӣ меъёри андозҳо бознигарӣ ва такмил дода шуд. Аз

ҷумла, агар меъёри маъмулии андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ аз 23 фоиз ба 20 ва 18 фоиз пешбинӣ шуда бошад, пас бо мақсади саноатикунонии босуръати кишвар меъёри андози мазкур барои фаъолияти истеҳсолӣ ба андозаи 13 фоиз нигоҳ дошта шудааст, дар ҳоле, ки имконияти тарҳҳо бо мақсади ин намуди андоз васеъ карда шудааст.

Бо мақсади бо кишварҳои ҳамсоя ва шарикони асосии тиҷоратӣ баробар намудани сатҳи андозбандӣ, дар Кодекси андоз дар таҳрири нав меъёрҳои андоз аз арзиши иловашуда аз 18 фоиз ба 15 фоиз паст карда шуда, меъёри андози мазкур аз 1 январи соли 2024 ба андозаи 14 фоиз ва аз 1 январи соли 2027 то ба 13 фоиз паст карда мешавад, ки камшавии меъёр нисбат ба Кодекси андози амалкунанда мутаносибан 3 фоиз, 4 фоиз ва 5 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон таҳвили металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, маснуоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, алюминийи аввалия, консентратҳои захираҳои табиӣ, маъданҳои молӣ, оҳанпораи металлҳои сиёҳу ранга ва металлҳои дигари дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда, сабикаҳои ченакӣ аз металлҳои қиматбаҳои Бонки миллии Тоҷикистон, пилла, нахи пахта, калобаи пахта, пахтаи коркарднашуда, аз ҷумла барои содирот, аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда шудааст.

Роҷеъ ба масъалаи коркарди пурраи ашёи хом дар дохили кишвар бахусус пилла ва нахи пахта қайд менамоем, ки дар муқаррароти хотимавии Кодекси андоз дар таҳрири нав, имтиёзҳои силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ ба танзим даровarда шудааст. Яъне, бо мақсади дастгирии рушди соҳаи саноати сабук ва ба ин васила ҷалби бештари сармоягузорӣ дар ин самт субъектҳои соҳаи мазкур, ки то қабули Кодекси андоз дар таҳрири нав ин низоми имтиёзнокро истифода менамуданд то анҷоми муҳлати татбиқи он (12 сол) аз он бархурдор мегарданд.

Ҷиҳати таъмини самаранокии фаъолияти корхонаҳои нассоҷӣ ва рушди соҳаи пиллапарварӣ дар мамлакат тибқи муқаррароти моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022” воридоти тухмии хушсифати кирмак барои пиллапарварӣ, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шудааст.

Ҳамчунин, аз 1 январи соли 2022 то 31 декабри соли 2031 шахсони ҳуқуқие, ки ба коркарди пилла, матоъҳои шоҳӣ, атласу адрас ва дигар маснуоти бофандагии аз он истеҳсолшаванда машғуланд, аз рӯи ин намудҳои фаъолият андозбандӣ карда намешаванд, ба истиснои андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоӣ.

Дар баробари ин, аз 1 январи соли 2022 то 31 декабри соли 2031 қитъаҳои замине, ки барои тутзорҳо истифода мешаванд, бо андози замин ва андози ягонаи кишоварзӣ андозбандӣ карда намешаванд.

**Банди 2** (Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқиву молиявӣ ва иқтисодии субъектҳои соҳибкории хусусӣ).

Ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқиву молиявӣ ва иқтисодии субъектҳои соҳибкории хусусӣ аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ мунтазам тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад. Бояд қайд намуд, ки бо қарори раиси Кумита Гурӯҳи корӣ аз ҳисоби кормандони

раёсат таъсис дода шуда, дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ва вилоятҳои Суғду Хатлон вохуриҳо бо соҳибкорон оид ба ислоҳотҳои соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва самти иҷозатдиҳиву иҷозатномадиҳӣ, муқаррароти қонунгузории шарикии давлат ва бахши хусусӣ, санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор. Ҳамзамон, аз ҷониби Муасисаи давлатии "Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон" дар соли 2023 зиёд аз 200 чорабиниҳои омузишӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ бо доираи васеи намояндагони бахши хусусӣ гузаронида шуд.

Тибқи иттилои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025, ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №642 ва №643 тасдиқ карда шудаанд, вазифаҳо ва самтҳои асосии рушди маъмурикунонии андоз, ба роҳ мондани ҳамкориҳои фосилавӣ бо андозсупорандагон ва мақомоти давлатӣ, кам кардани истифодаи ҳуҷҷатгузории қоғазӣ, мусоидат намудан барои ҷоригардонии иқтисоди рақамӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ андозсупории андозсупорандагон, ҷорӣ намудани шаклҳои муосири назорати андоз пешбинӣ карда шудааст.

Бо ин мақсадҳо аз ҷониби Кумитаи андоз дар соли 2023 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки андозсупорандагон зиёда аз 1900 семинар – машварат, вохӯрӣ ва видеоконференсия баргузор гардида, дар рафти онҳо дар баробари ба андозсупорандагон омӯзонидани қонунгузории андоз, инчунин вобаста ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва коҳиш додани шуғли ғайрирасмӣ низ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд.

Инчунин, аз тарафи мақомоти андоз ба воситаи шабакаҳои мухталифи телевизиони давлатӣ, марказҳои иттилоотӣ, сомонаҳои интернетӣ, радио, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои даврӣ, дар маҷмӯъ, барнома, 601 эълон ва мақола нашр ва паҳн карда шуданд. Аз ҷумла, тавассути телевизион зиёда аз 102 ва радио 65 барномаҳо пахш гардида, ба воситаи рӯзномаю маҷаллаҳо зиёда аз 434 мақолаҳо ба чоп расонида шуд.

Ҷиҳати ҳаддалимкон сода намудани дастрасии шаҳрвандону андозсупорандагон ба муқаррароти Кодекси андоз, бо фармоиши Кумитаи андоз дар мессенҷерҳои «Telegram» ва «Viber» саҳифаи алоҳидаи "Шарҳу тавзеҳи Кодекси андоз дар таҳрири нав" кушода шуда, дар он пайваста санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андоз, аз ҷумла Кодекси андоз, ҷавоб ба саволҳо, видео-роликҳои омӯзишӣ, барномаҳои телевизионӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ҷойгир карда мешаванд.

Тибқи иттилои Бонки миллии Тоҷикистон масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқиву молиявӣ ва иқтисодии субъектҳои соҳибкории хусусӣ дар маҷмӯъ дар доираи татбиқи самти чоруми Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022–2026, ки саводнокии молиявӣ мебошад, амалӣ гардида истодааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳошияи Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022–2026 беҳтар намудани ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкорӣ байни бахшҳои молиявӣ ва мақомоти давлатӣ,

инчунин байни таҳвилгарони давлатӣ ва хусусии хизматрасониҳои саводнокии молиявӣ тавассути татбиқи як қатор чорабиниҳо пешбинӣ карда шудааст ва айни замон дар ин самт тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида истодаанд.

Мавриди зикр аст, ки татбиқи саривақтии чорабиниҳои пешбинишуда ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқиву молиявӣ ва иқтисодии субъектҳои соҳибкории хусусӣ мусоидат хоҳад намуд.

**Банди 3** (Дар асоси таҷрибаи байналмилалӣ омода намудани таклифу пешниҳод оид ба фароҳам овардани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ бахри таъсиси ассотсиатсияҳои кишоварзон, инчунин ассотсиатсияҳои устувори соҳавӣ)

Тибқи иттилои Вазорати корҳои хориҷӣ ҷиҳати фароҳам овардани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ бахри таъсиси ассотсиатсияҳои кишоварзон, инчунин ассотсиатсияҳои устувори соҳавӣ таҷрибаи кооперативҳои кишоварзии Японияро таҳлил намудааст, ки дар замима пешниҳод карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки ҷиҳати гузаронидани таҳлили ҳаматарафа дар асоси таҷрибаи давлатҳои ҳамсоя аз ҷониби кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бо пешниҳоди Вазорати корҳои хориҷӣ Гурӯҳи кории байниидоравӣ аз ҳисоби вазорату идораҳои дахлдор, ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ ва шарикони рушд таъсис дода шуда, маълумот аз натиҷаи он дар давоми нисолаи аввали соли 2024  ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод хоҳад шуд.

**Банди 4** (Таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати дар доираи як санад ба танзим даровардани низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ дар ҷумҳурӣ)

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бо мақсади идомаи ислоҳот ҷиҳати боз ҳам мусоид намудани шароити пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар самти танзими муносибатҳои иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ, такмил додани қонунгузории соҳа ва дар доираи як санади меъёрии ҳуқуқӣ танзим намудани муносибатҳо, ки расмиёти ягонаи коргузориро дар тамоми мақомоти иҷозатномадиҳанда ва иҷозатдиҳанда дар бар мегирад, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» дар заминаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004, №37 «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва аз 2 августи соли 2011, №751 «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ бо тартиби муқаррargardida таҳия карда шуд, ки он аз 22 июни соли 2023, №1968 қабул ва мавриди амал қарор дода шуд.

**Банди 5** (Баррасии масъалаи такмили қонунгузории хусусигардонии моликияти давлатӣ ва иҷора).

Аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ баррасии масъалаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия гардида, дар баррасии сохторҳои Кумита қарор дорад. Иҷроиши банди мазкур солҳои 2023-2024-ро дар бар мегирад.

**Банди 6** (Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории самти соҳибкорӣ оид ба ворид намудани мафҳуми «бахши хусусӣ» ё «соҳибкории хусусӣ»)

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ"-ро таҳия намуда, аз 19 январи соли 2024, 1-4а/334 барои мувофиқа ба вазорату идораҳо ирсол намуд.

**Банди 7** (Ба танзим даровардани санҷишҳои дар доираи назорати прокурорӣ, аудити Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, қонунгузории андоз, гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишаванда, аз ҷумла мушаххас намудани расмиёти гузаронидани чунин санҷишҳо).

Қобили қайд аст, ки ҳамасола дар ҷаласаҳои Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомотҳои санҷишӣ бо иштироки аъзоёни Шӯро, ки иборат аз роҳбарони аввали вазорату идораҳои дахлдор хусусан роҳбарияти Прокуратураи генералӣ, Палати ҳисоб, Агентии назорати давлатии моливӣ ва мубориза бо коррупсия, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук ва даъвати роҳбарони мақомотҳои санҷишӣ баргузор мегардад, ки дар он бо мақсади рушди бахши хусусӣ, соҳибкорию сармоягузорӣ дар кишвар ва аз байн бурдани ҳолатҳои дахолати беасос ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор мариди баррасӣ ва муҳокима қарор дода мешаванд. Дар ҷаласаи навбатии Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомотҳои санҷишӣ раиси Шӯро-Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти назоративу санҷишӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқукро вазифадор намуд, ки дар раванди гузарондани санҷишҳои якҷоя (муштарак)-и фаъолияти субъектҳои хоҷагидор иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор»-ро таъмин намуда, дар як вақт ҳисоботи омориро оид ба масъалаи матраҳшаванда тибқи тартиби муқаррааргардида ба мақомоти омор саривақт пешниҳод намоянд.

Кумита масъалаи мазкурро дар оянда низ пайгирӣ намуда, ҷиҳати ба танзим даровардани санҷишҳои болозикр дар асоси таҳлилу омӯзишҳои анҷомдодашуда иловатан аз натиҷааш маълумот манзур менамояд.

**Банди 8** (Пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои риоя накардани расмиёти додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, иҷозатнома (литсензия) ва ё муҳлати амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, иҷозатнома (литсензия) ҳангоми додани онҳо ба шахси мансабдор, инчунин барои ба бахши хусусӣ додани ҳуҷҷатҳое, ки хусусияти иҷозатдиҳиро барои амал ва ё фаъолият дошта, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият пешбинӣ нагардидаанд).

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади дар доираи як санади меъёрии ҳуқуқӣ танзим намудани муносибатҳои иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ, ки расмиёти ягонаи коргузориро дар тамоми мақомоти иҷозатномадиҳанда ва иҷозатдиҳанда дар бар мегирад, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» дар заминаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17

майи соли 2004, №37 «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва аз 2 августи соли 2011, №751 «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ бо тартиби муқарраргардида таҳия карда шуд, ки он аз 22 июни соли 2023, №1968 қабул ва мавриди амал қарор дода шуд.

Дар доираи Қонуни мазкур, ҳамзамон “Феҳристи ягонаи давлатии иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташаванда” таҳия карда шудааст, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидоштаро дар бар мегирад.

Ҷиҳати пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои риоя накардани расмиёти додани иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташаванда, ҳангоми додани онҳо ба шахси мансабдор, инчунин барои ба шахси ҳуқуқӣ додани ҳуҷҷатҳое, ки хусусияти иҷозатдиҳиро барои амал ва ё фаъолият дошта, дар “Феҳристи ягонаи давлатии иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташаванда” пешбинӣ нагардидаанд, корбарӣ гардида, лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда мешавад.

**Банди 9** (Пурзур намудани ҷавобгарии маъмурӣ ба шахсони мансабдори ваколатдори мақомоти назоративу санҷишӣ барои риоя накардани қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор (аз ҷумла, гузаронидани санҷиш бе риояи давра ва давомнокии санҷиш, дахолат ба фаъолияти субъекти хоҷагидор дар ҷараёни санҷиш, ки ба мавзӯи санҷиш алоқаманд нест, қабули қарори ғайриқонунӣ оид ба натиҷаи санҷиш ё содир намудани дигар амалҳои ғайриқонунӣ нисбат ба субъекти хоҷагидори санҷидашаванда)

Бояд қайд намуд, ки новобаста аз қабул ва мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор” ва санадҳои зерқонунии он тақрибан 7 сол сипарӣ гардида бошад ҳам, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳанӯз дар рафти гузаронидани санҷишҳо ҳолатҳои риоя накардани қоидаҳои гузаронидани санҷишҳо ва меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккал, вайрон гардидани ҳуқуқу манфиатҳои сармоягузорону соҳибкорон аз ҷониби мақомоти назоратию санҷишӣ ба назар мерасанд.

(ЭЗОҲ: бештари онҳо дар самти:

- ҳолатҳои аз меъёр зиёд гузаронидани санҷишҳои ғайринақшавӣ ва бе натиҷа ҷамъбасти он;

- таҳлили воқеии хавфҳо ва пурра татбиқ нагардидани меъёрҳои арзёбии дараҷаи таввакали фаъолияти субъектҳои хоҷагидор;

- ғайриқонунӣ дахолат кардан ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор;

- риоя накардани тартиби ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;

- риоя накардани давраи бо нақша пешбинишудаи санҷишҳо;

- танзими миқдорӣ, банақшагирӣ, нодуруст таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи оморӣ оид ба санҷишҳои гузаронидашуда;

- тасдиқи нақшаҳои кории санҷишӣ ё худ назоратии алоҳидаи дохилиидоравӣ ва дар асоси онҳо гузаронидани санҷишҳои фаъолияти соҳибкорон бе мувофиқаи Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ;

- пешниҳоди огоҳиномаи хаттӣ барои гузаронидани санҷиш;

- ворид накардани қайдҳо дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳои субъектҳои хоҷагидор;

- ба нақша нагирифтани санҷишҳои муштарак ва ғайраҳо мебошад).

Таъмини риоя ва иҷрои дақиқи қонунгузорӣ дар соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти прокуратура зери назорати доимӣ қарор дода шудааст.

Чунончӣ, соли ҷорӣ ҳолати риояи қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккал дар фаъолияти як қатор мақомоти санҷишию назоратӣ, аз ҷумла дар фаъолияти дастгоҳи марказии Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, раёсати Кумитаи бехатарии озуқаворӣ дар шаҳри Душанбе, сохторҳои ҳудудии маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, мақомоти омор, ҳифзи муҳити зист, бехатарии озуқаворӣ аз ҷониби Прокуратураи генералӣ мавриди санҷиш қарор дода шуд.

Раванди санҷиши прокурорӣ дар фаъолияти мақомоти санҷишӣ ҳолатҳои риоя накардани қоидаҳои гузаронидани санҷиши субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла аз меъёр зиёд гузаронидани санҷишҳои ғайринақшавӣ ва бе натиҷа ҷамъбасти он, таҳлили воқеии таваккал (хавфнокӣ) ва пурра татбиқ нагардидани меъёрҳои арзёбии дараҷаи таввакали фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, ғайриқонунӣ дахолат кардан ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, риоя накардани тартиби ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, риоя накардани давраи бо нақша пешбинишудаи санҷишҳо, ҳангоми таҳияи нақшаи солона ба нақша гирифтани гузаронидани санҷиш дар корхонаҳои истеҳсолии зери татбиқи мораторий қарор дошта ва дигар камбудию қонунвайронкуниҳо дар мавриди танзими миқдорӣ, банақшагирӣ ва гузаронидани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ошкор ва ҷиҳати бартараф намудани онҳо бо тартиби муқарраргардида чораҳои дахлдор андешида шуданд.

Дар натиҷа, барои бартараф намбудани камбудию қонунвайронкуниҳо бо парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ эътирозҳо оварда шуда, нисбати 10 нафар кормандони Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, аз ҷумла 4 нафар сардорони шуъбаҳо, нисбати 6 нафар, аз ҷумла 3 сардорони шуъбаҳои Раёсати Кумитаи бехатарии озуқаворӣ дар шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеӣ ҷумҳурӣ, нисбати 5 нафар кормандони Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳри Душанбе муҷозотҳои интизомӣ татбиқ ва ду нафар мутахассисони Маркази

стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо аз кор озод карда шудаанд.

Инчунин, зимни гузаронидани санҷишҳои прокурорӣ ҳолатҳои аз ҷониби мутахассисони мақомоти назоратию санҷишӣ дар раванди гузаронидани санҷишҳо бо роҳи фиреб ва сӯистифода аз ваколатҳои мансабӣ содир намудани ҷиноят ошкор ва мавриди татбиқ намудани чораҳои ҷавобгарӣ қарор дода шудаанд.

Дар маҷмӯъ, аз ҷониби мақомоти прокуратура дар 9 моҳи соли 2023 дар самти назорати риояи қонунгузорӣ оид ба ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ бо натиҷаи санҷишҳои гузаронида, баҳри бартараф намудани қонунвайронкуниҳо 122 амр, 133 эътироз, 100 пешниҳод оварда, дар асоси санадҳои эътиноӣ 78 нафар ба ҷавобгарии интизомӣ ва 50 нафар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида, 14 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

Дар як вақт, аз натиҷаи назорати прокурорӣ ба асоснокии санадҳои мақомоти андоз ба 920 қарор бо парвандаҳои маъмурӣ, санадҳои санҷишӣ, муоинаи хронометражӣ эътироз оварда, вобаста ба қонувайронкуниҳо 337 пешниҳод ирсол карда, зиёда аз 150 нафар ба ҷавобгарии интизомӣ ва 17 нафар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, 2 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст. Инчунин, дар раванди назорати прокурорӣ ҳолатҳои аз ҷониби нозирони минтақавии Вазорати корҳои дохилӣ гузаронидани санҷишҳои беасос дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ошкор карда шудааст. Гарчанде нозироти минтақавӣ дорои донишҳои соҳаҳои санитарию эпидемиологӣ, байторӣ, барқ ва фитосанитарӣ набошанд ҳам, берун аз тахассуси касбӣ ва ваколатҳои худ ба гузаронидани санҷиш ва тартиб додани протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати соҳибкорони мағозаҳо, дорухона ва ошхонаҳо машғул мебошанд. Дар ин замина, аз ҷониби мақомоти назоратии соҳавӣ бошад, чунин протоколҳои бе иштироки мутахассисони соҳаҳои дахлдор омоданамудаи нозирони минтақавӣ мавриди баррасӣ ва нодуруст татбиқ шудани ҷавобгарии маъмурӣ гардида истодааст.

Бо ташабуси Кумита дар соли 2023 бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти назоративу санҷишии мақомоти давлатӣ, аз байн бурдани ҳолатҳои санҷиши ғайриқонунӣ ё дахолат ба фаъолияти сармоягузорону соҳибкорон, инчунин маҳдуд кардани ваколатҳои санҷишии мақомоти давлатӣ бо назардошти таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ тағйиру иловаҳои дахлдор ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" аз 15 марти соли 2023, №1958 ворид гардид.

Тибқи тағйироти воридгардида яке аз меъёрҳои муҳиме, ки дар Қонун муқаррар карда шуданд, ин манъ намудани гузаронидани назорат (назорати давлатӣ, корҳои назоратӣ) ва санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби мақомоту сохторҳои давлатие, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дорои ваколатҳои назоратӣ (назорати давлатӣ, корҳои назоратӣ) ва санҷишӣ буда, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" пешбинӣ нашудаанд, мебошад.

Дар ин раванд, дар заминаи идомаи ислоҳоти соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор шумораи мақомоти санҷишӣ аз 31 то ба 23 адад дар доираи Қонун муқаррар карда шуд.

Бо мақсади иҷрои қарори қаблии Шӯро дар ҳамкорӣ бо Вазорати молия, Кумитаи андоз ва Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон КВД "Амонатбонк" Созишномаи ҳамкорӣ ҷиҳати пайваст намудани Махзани ягона оид ба санҷишҳои гузаронидашуда ба низоми электронии пардохтҳои хизматрасонӣ бо истифода аз "Корти Миллӣ", интиқоли маблағҳои аз ҳисоби пардохткунанда ба суратҳисобҳои ҳисоббаробаркунии мақомоти давлатӣ ва ба низоми электронии мақомоти андоз ба имзо расонида шуд.

Айни ҳол бо мақсади пурзур намудани ҷавобгарии маъмурӣ ба шахсони мансабдори ваколатдори мақомоти назоративу санҷишӣ барои риоя накардани қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои

хоҷагидор (аз ҷумла, гузаронидани санҷиш бе риояи давра ва давомнокии санҷиш, дахолат ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар ҷараёни санҷиш, ки ба мавзӯи санҷиш алоқаманд нест, қабули қарори ғайриқонунӣ оид ба натиҷаи санҷиш ё содир намудани дигар амалҳои ғайриқонунӣ нисбат ба субъекти хаҷагидори санҷидашаванда тибқи супориши протоколи №13 ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ бо мақсади рушди бахши хусусӣ, соҳибкорию сармоягузорӣ дар кишвар ва аз байн бурдани ҳолатҳои дахолати беасос ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор нақша чорабиниҳо тасдиқ карда шуда, тибқи он мониторинг ва таҳлили риояи талабот, меъёр ва қоидаҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар фаъолияти мақомоти санҷишӣ ва зерсохторҳои он гузаронида шуда, аз натиҷаи он ахборот ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маълумот барои чораандешӣ ба Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

**Банди 10** (Раҳнамоӣ ва расонидани кумакҳои методӣ ва амалӣ ба бахши хусусӣ барои ташкил намудани ассотсиатсияҳои соҳавии умумиҷумҳурявӣ).

Ҷиҳати расонидани кумакҳои машваратӣ, методӣ ва амалӣ аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ мунтаззам вохуриҳо, корҳои фаҳмондадиҳӣ ва чорабиниҳо омузишӣ бо иштироки соҳибкорон гузаронида мешавад.

Маврид ба зикр аст, ки дар соли 2023 бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ ва пешрафти соҳа 3 ассотсиатсияи соҳибкорӣ таъсис дода шудааст, аз ҷумла : "Ассотсиатсияи риелторон ва соҳибмулкони амволи ғайриманқули Тоҷикистон" ва "Ассотсиатсияи истеҳсолкунандагони маҳсулоти хризотилсементии ҷумҳурии Тоҷикистон", Ассотсиатсияи "Блогерон ва вайнерони шабакаҳои иҷтимоӣ".

**Банди 11** (Ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба қонунгузорӣ ҷиҳати иштироки ҳатмии намояндаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва сохторҳои минтақавии он дар мурофиаҳои судӣ, ки баҳси онҳо бо мақомот ва сохторҳои давлатӣ сурат мегирад).

Аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иштироки ҳатмии намояндаи ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва сохторҳои минтақавии он дар мурофияҳои судӣ” таҳия гардида, барои дастури минбаъда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 январи соли 2024, №4-4а/75 ирсол гардид.

**Банди 12** (Бо мақсади танзими низоми иҷозатдиҳӣ, аз байн бурдани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта барои амал ва фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, ҳамзамон мутобиқ намудани санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ, аз ҷумла мувофиқакунии ҳатмии реҷаи кории субъектҳои соҳибкории хусусӣ)

Бо мақсади аз байн бурдани ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта барои амал ва фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ дода мешаванд, ҳамзамон мутобиқ намудани баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумидошта ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ”” ва “Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон”” бо тартиби муқарраргардида таҳия карда шуд, ки онҳо аз 15 марти соли 2023, №1959 ва №1960 қабул ва мавриди амал қарор дода шуданд.

Дар робита ба иҷрои муқарраротҳои воридгардида ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» якҷо бо Хадамоти зиддиинҳисорӣ ва дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номгӯи ташкилоту объектҳои савдо, хизматрасонии маишӣ ва дигар намуди хизматрасоние, ки аз ҷиҳати танзим муҳим мебошанд» бо тартиби муқарраргардида таҳия гардида, аз 29.08.2023, №398 қабул ва мавриди амал қарор гирифт.

**Банди 13** (Таъсиси ассотсиатсияҳои соҳибкорон ва сармоягузорон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати дастгирии фаъолияти пурсамар ва пурзӯр намудани иқтидори содиротию истеҳсолии онҳо).

Бо мақсади имконияти беҳтар фароҳам овардан барои рушди соҳибкорӣ ва ҷалб намудани сармояи хориҷӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадхшон Ассотсиатсияи соҳибкорзанони вилоят, дар ноҳияи Файзобод Ассотсиатсияи соҳибкорони ноҳия, дар ноҳияи Тоҷикобод Ассотсиатсияи соҳибкорони ноҳия ва дар ноҳияи Шаҳринав Ассотсиатсияи соҳибкорони ноҳия таъсис дода шуданд.

**Банди 14** (Бо мақсади аз байн бурдани дахолати беасос ба фаъолияти бахши хусусӣ дар қонунгузорӣ мушаххасан муайян кардани мафҳум ва

шаклҳои назорат (назорати давлатӣ, корҳои назоратӣ), инчунин ҳудудҳои амалӣ намудани назорат, фарқияти назорат аз санҷиш)

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти назоративу санҷишии мақомоти давлатӣ, аз байн бурдани ҳолатҳои санҷиши ғайриқонунӣ ё дахолат ба фаъолияти соҳибкорону сармоягузорон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" бо тартиби муқарраргардида таҳия гардид, ки он аз 15 марти соли 2023, №1958 қабул ва мавриди амал қарор дода шуд. Бо қабул ва мавриди амал қарор гирифтани лоиҳаи Қонуни мазкур, шумораи мақомоти санҷишӣ дар доираи Қонун аз 27 ба 23 адад расонида шуд.

Дар робита ба иҷрои муқаррароти тағйиру иловаҳое, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" ворид гардидаанд, якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор баррасӣ карда шуда, ҷиҳати андешидани тадбирҳои зарурӣ аз ҷониби мақомоту сохторҳои давлатие, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дорои ваколатҳои назоратӣ (назорати давлатӣ, корҳои назоратӣ) ва санҷишӣ нисбати субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд, таклифҳои дахлдор аз 30 майи соли 2023, №1-4б/462 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур карда шуд.

**Банди 15** (Ба танзим даровардани расмиёти амалӣ намудани назорати (назорати давлати, корҳои назоратии) мақомоти ваколатдори давлатӣ ва дигар сохторҳои давлатӣ).

Тибқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа аз соли 2017 инҷониб ҳамасола мақомоти санҷишӣ номгӯи меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккали фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, масъалаҳои назоратӣ ва нақшаҳои солонаи гузаронидани санҷишҳоро дар мувофиқа бо Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ тасдиқ намуда, дар сомонаҳои расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти санҷишӣ ва воситаҳои ахбори омма барои шиносоии субъектҳои хоҷагидор ҷойгир карда мешаванд.

Дар ин замина, бахри дуруст таҳия ва ба роҳ мондани меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккал (хавфнокӣ), инчунин тартиби истифодабарии "Портали электронии хизматрасониҳо барои соҳибкорон" аз тарафи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар ҳамкорӣ бо Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC), Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ мутахассисони барномасозро ҷалб намуда, барои масъулини самти иҷозатдиҳиву санҷишии мақомоти пилотӣ, яъне мақомоти ҳифзи муҳити зист, сайёҳӣ, энергетика, стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, санитарию эпидемиологӣ ва нақлиёт корҳои фаҳмондадиҳӣ ва семинарҳои омӯзишӣ ташкил ва гузаронида шуд.

Бояд қайд намуд, ки масъалаи ба танзим даровардани расмиёти амалӣ намудани назорати (назорати давлатӣ, корҳои назоратии) мақомоти ваколатдори давлатӣ ва дигар сохторҳои давлатӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор таҳти назорати доимӣ қарор дошта, ҳамасола ҷиҳати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар

бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор” Кумита мониторинги санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро дар заминаи ҳисоботҳои мақомоти санҷишӣ, маълумоти мақоми омори давлатӣ дар бораи фаъолияти анҷомдода оид ба шумораи санҷишҳои гузаронидашуда, инчунин таҳлилҳои фаъолияти мақомоти санҷишӣ оид ба риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва дигар маълумоти дастрасгардида гузаронида, аз натиҷаи он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ маълумоти дахлдор манзур менамояд.

Инчунин Кумита ҳамасола аз мақомотҳои санҷишӣ то охири моҳи ноябри соли тақвими тибқи талаботи қонунгузорӣ дар муҳлати муқарраргардида номгӯи меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккали фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, масъалаҳои назоратӣ ва нақшаҳои солонаи гузаронидани санҷишҳоро, ки дар соҳаи худ таҳия ва барои мувофиқа ба Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ пешниҳод менамояд мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Инчунин ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани иҷроиши онҳо диққати ҷиддӣ зоҳир карда, риояи қонунгузории соҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро зери назорати қатъӣ дар фаъолияти мақомоти санҷишӣ қарор медиҳад. Ҳамзамон бо мақсади дуруст таҳия намудани номгӯи меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккал ва нақшаҳои солонаи гузаронидани санҷишҳо диққати ҷиддӣ зоҳир намуда, таъмини иҷрои онро зери назорати қатъӣ қарор медиҳад.

Кумита тибқи нақшаи корӣ давра ба давра бо мақсади рушди бахши хусусӣ, соҳибкорию сармоягузорӣ дар кишвар ва аз байн бурдани ҳолатҳои дахолати беасос ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор таҳлилҳо гузаронида барои гузаронидани ислоҳотҳо дар самти санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ пешниҳодҳо манзур менамояд.

**Банди 16** (Гузаронидани барӯйхатгирӣ ва содагардонии шаклҳои ҳисоботи оморӣ ва пурзӯр намудани механизми муосири низоми электронӣ барои пешниҳоди ҳисоботи оморӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ)

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи “Навкунии низоми миллии омор дар Тоҷикистон” ҷиҳати гузариши пурра ба ҳисоботи электронии оморӣ як қатор корҳоро амалӣ намуда, аз соли 2024 пешниҳод, ҷамъоварӣ ва коркарди ҳама намуди шаклҳои ҳисоботи оморӣ тариқи электронӣ амалӣ карда мешавад.

**Банди 17** (Гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав )

Тибқи иттилои Вазорати молия бо мақсади бархурдор гардидани шумораи бештари соҳибкорону сармоягузорон ва шаҳрвандон аз муқаррароти Кодекси андоз ва санадҳои зерқонунии он, инчунин Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ» аз ҷониби Вазорат дар давраи ҳисоботӣ 6 маротиба бо воситаи телевизион ва 1 маротиба тариқи радиои «Ховар» корҳои таблиғотиву фаҳмондадиҳӣ гузаронида шудааст.

Ҳамзамон, аз ҷониби Сарраёсати сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатӣ ҷиҳати иҷрои фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2023, №50 дар шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Бохтар, Хуҷанд, Рашт, Ҳисор ва Дарвоз чорабиниҳои омӯзишӣ баргузор карда шуд, ки дар рафти он роҳбарият ва масъулини сарраёсату раёсатҳои ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, инчунин, мутахассисони бахшу шуъбаҳои даромадҳои давлатӣ ва буҷет, соҳибкорону андозсупорандагон ва муҳосибони муассисаҳои буҷетӣ иштирок намуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар чорабиниҳои мазкур самтҳои муҳимми фаъолияти мақомоти молия баррасӣ гардида, иштирокчиён оид ба масъалаҳои муқаррароти қонунгузории андоз, санадҳои зерқонунии Кодекси андоз, аз ҷумла қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ - хазинавӣ», инчунин Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” маълумоти бештар пайдо намуданд.

Илова бар ин, аз ҷониби як қатор вазорату идораҳо ва муассисаҳои кишвар семинар машварат ва конференсияи илмӣ-амалӣ бо иштироки соҳибкорону рӯзноманигорон вобаста ба арзёбии муқаррароти Кодекси андоз дар таҳрири нав баргузор гардид, ки дар онҳо кормандони масъули Сарраёсати сиёсати андоз ва пардохтҳои давлатӣ иштирок намуда, вобаста ба моҳияти қонунгузории нави андоз ва меъёрҳои он баромад намуда, ҳаммоишҳои дахлдорро муаррифӣ карданд.

Аз ҷумла, бо ташаббуси Ташкилоти ҷамъиятии “Хома” 1 маротиба семинар машварат оид ба таҳкими қонунгузории андоз дар таҳрири нав бо иштироки васеи кормандони воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон ва рӯзноманигорон ва 1 маротиба дар Донишгоҳи Давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон озмуни ҷумҳуриявӣ дар мавзӯъи беҳтарин донандаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, вобаста ба муҳимиятҳо ва афзалиятҳои низоми қонунгузории андози кишвар корҳои фаҳмондадиҳӣ ба роҳ монда шуд.

Ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои фосилавӣ бо андозсупорандагон ва мақомоти давлатӣ, кам кардани истифодаи ҳуҷҷатгузории қоғазӣ, мусоидат намудан барои ҷоригардонии иқтисоди рақамӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ андозсупории андозсупорандагон, ҷорӣ намудани шаклҳои муосири назорати андоз пешбинӣ карда шудааст аз ҷониби Кумитаи андоз дар соли 2023 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки андозсупорандагон зиёда аз 1900 семинар – машварат, вохӯрӣ ва видеоконференсия баргузор гардида, дар рафти онҳо дар баробари ба андозсупорандагон омӯзонидани қонунгузории андоз, инчунин вобаста ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва коҳиш додани шуғли ғайрирасмӣ низ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд.

Инчунин, аз тарафи мақомоти андоз ба воситаи шабакаҳои мухталифи телевизиони давлатӣ, марказҳои иттилоотӣ, сомонаҳои интернетӣ, радио, рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои даврӣ, дар маҷмӯъ, барнома, 601 эълон ва мақола нашр ва паҳн карда шуданд. Аз ҷумла, тавассути телевизион зиёда аз 102 ва

радио 65 барномаҳо пахш гардида, ба воситаи рӯзномаю маҷаллаҳо зиёда аз 434 мақолаҳо ба чоп расонида шуд.

Ҷиҳати ҳаддалимкон сода намудани дастрасии шаҳрвандону андозсупорандагон ба муқаррароти Кодекси андоз, бо фармоиши Кумитаи андоз дар мессенҷерҳои «Telegram» ва «Viber» саҳифаи алоҳидаи "Шарҳу тавзеҳи Кодекси андоз дар таҳрири нав" кушода шуда, дар он пайваста санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андоз, аз ҷумла Кодекси андоз, ҷавоб ба саволҳо, видео-роликҳои омӯзишӣ, барномаҳои телевизионӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ҷойгир карда мешаванд.

**Банди 19** (Баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои электронӣ ба андозсупорандагон дар мақомоти андоз).

Тибқи иттилои Кумитаи андоз бо мақсади иҷрои Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020 – 2025 ҷиҳати баланд бардоштани сатҳ ва пайваста беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо ба шаҳрвандону андозсупорандагон ва рақамикунонии соҳа аз ҷониби Кумитаи андоз пайваста чораҳо андешида шуданд. Аз ҷумла:

- номгӯи хизматрасониҳои электронӣ давра ба давра васеъ карда шуда, ба ҳолати 1 январи соли 2024 барои андозсупорандагон ва шаҳрвандон 85 адад хизматрасониҳои электронӣ ба роҳ монда шудааст, ки 9 адади онҳо дар давраи ҳисоботӣ мавриди амал қарор дода шуда, ташкили чунин хизматрасониҳо барои сода ва қулай намудани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ мусоидат менамояд;
- барои таъмини субъектҳои хоҷагидорӣ бо имзои электронии рақамӣ ҷиҳати дар шакли электронӣ пешниҳод намудани ҳисоботи андозӣ, аз моҳи апрели соли 2023 платформаи нави "Мушаххаскунии мобилӣ ва имзои электронии рақамӣ" мавриди амал қарор дода шуд. Тибқи тартиби мазкур минбаъд андозсупорандагон имкон доранд, ки бе ташриф омадан ба "Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз" ва ё мақомоти андоз ба модули компютерии "Ҳуҷраи шахсии андозсупорада" пайваст шуда, ҳисоботҳо ва эъломияҳои андозро дар шакли электронӣ ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд;
- тибқи фармоишҳои Кумитаи андоз (аз 24.08.2023, №406 ва аз 24.11.2023, № 651) давоми соли 2023 хизматрасониҳои нав роҳандозӣ карда шуд, ки тавассути он қатъи фаъолияти соҳибкорони инфиродии табқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус дар шакли электронӣ анҷом дода мешавад;
- ҷиҳати ташкили табодули маълумот аз 1 декабри соли 2023 модули хизматрасонии "Идораҳои давлатӣ" мавриди истифода қарор дода шуд, ки бо истифода аз модули мазкур минбаъд вазорату идораҳо имкон доранд бе муроҷиат ба мақомоти андоз оид ба масъалаҳои андозбандӣ ва бақайдгирии давлатӣ маълумотро дар шакли электронӣ дастрас намоянд. Аз ҷумла, бо истифода аз хизматрасонии мазкур айни замон амалҳои нотариалӣ оид ба хариду фурӯш ва дигар шаклҳои бегонакунии объектҳои ғайриманкули шахсони воқеӣ ва дастрас намудани маълумот оид ба иҷрои уҳдадориҳои

андозӣ (мавҷуд будан ё набудани қарзи андозҳо) бе ташриф овардани шаҳрвандон ба мақомоти андоз, дар шакли электронӣ анҷом дода шуда истодааст;

- ба раванди гузариши андозсупорандагон ба тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо тақвият бахшида шуда, дар соли 2023 шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои худро ба тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд 10,2 ҳазор адад зиёд карда шуда, айни замон зиёда аз 165,2 ҳазор субъектҳои хоҷагидор эъломия ва ҳисоботҳои худро тариқи электронӣ ба мақомоти андоз пешниҳод намуда истодаанд, ки 67,2 фоизи шумораи умумии субъектҳои хоҷагидори ҳисоботдиҳандаро ташкил медиҳад.

Новобаста аз корҳои анҷом додашуда ва чораҳои дар ин самт андешидашуда, барои ба тартиби электронии пешниҳоди ҳисоботҳо гузаронидани андозсупорандагон ҳоло ҳам як қатор мушкилиҳо ҷой доранд аз ҷумла, мавҷуд набудани шароити техникии субъектҳои хоҷагидор, надоштани малакаи кор бо компютер ва суръати пасти интернет имконият надода истодаанд, ки корхонаҳо ва соҳибкорон пурра ба ин тартиб гузаронида шаванд.

Ҳамзамон, бо мақсади иҷрои талаботи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ”, бо фармоиши Кумитаи андоз аз 9 октябри соли 2023, №563 нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравӣ қабул карда шудааст, ки тибқи он амалӣ намудани 20 адад тадбирҳо пешбинӣ гардидааст.

Барои шаҳрвандон ва андозсупорандагон имконият фароҳам оварда шудааст, ки бо истифода аз хизматрасонии эквайрингӣ, ҳамёни электронӣ ва Пос-терминалҳо андозҳо ва боҷҳоро ба таври ғайринақдӣ ба буҷет пардохт намоянд.

Инчунин, ҷиҳати таъмини иҷрои Фармони мазкур, Кумитаи андоз то инҷониб бо 19 адад ташкилотҳои қарзии молиявӣ созишнома “Оиди ба таври ғайринақдӣ қабул намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ” ба имзо расонида, тавассути замимаҳои мобилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба таври ғайринақдӣ қабул намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет амалӣ шуда истодааст. Ба ҳолати 1 январи соли 2024 шумораи ПОС – терминалҳои электронии дар филиалу шуъбаҳои Бонки амонатгузории “Амонатбонк” насб гардида ҳамагӣ 1066 ададро ташкил медиҳад. Натиҷаи татбиқи амалии Фармони мазкур нишон дода истодааст, ки шумораи ПОС – терминалҳои дар марказҳои хизматрасонии бонки “Амонатбонк” насб гардида, ҳоло ҳам нокифоя мебошанд.

Дар ин давра, тавассути ПОС – терминалҳо ва ҳамёнҳои электронӣ (замимаҳои мобилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ) аз ҷониби шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар маҷмуъ 2,5 млн. амалиётҳо ба маблағи зиёда аз 900,0 млн. сомонӣ гузаронида шудааст. Аз ҷумла, дар давраи аз 1 августи соли 2023 то 1 январи соли 2024 бошад шумораи амалиётҳо оиди ба таври ғайринақди пардохт намудани андозҳо ва боҷҳо 2,1 млн. адад ба маблағи зиёда аз 780,0 млн. сомониро ташкил медиҳад.

**Банди 20** (Пурра ҷорӣ намудани низоми санҷишҳои соҳибкорӣ аз рӯи хавфҳо дар мақомоти андоз бо истифодаи технологияҳои муосири электронӣ, инчунин гузаронидани чорабиниҳо барои коҳиш додани андози ҷаримаҳо ва пешгирӣ намудани онҳо).

Тибқи иттилои Вазорати молия доир ба рушди маъмурикунонии андоз, фароҳам овардани муҳити рақобати солим ва коҳиш додани сатҳи иқтисоди пинҳонӣ қаблан тибқи барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2019 барои андозсупорандагону шаҳрвандон 46 адад хизматрасониҳои электронӣ ҷорӣ гардида буд.

Дар маҷмуъ то инҷониб 81 адад хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ мавриди истифода қарор дорад, ки ташкили чунин хизматрасониҳо барои сода ва қулай намудани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ мусоидат намуда, бо назардошти рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ мунтазам такмил ёфта истодаанд.

Ҷиҳати васеъ намудани ҳамкориҳои фосилавӣ бо мақомоти андоз ба раванди гузариши андозсупорандагон ба тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо тақвият бахшида шуда, шумораи субъектҳое, ки ҳисоботҳо ва эъломияҳои андозро дар шакли электронӣ пешниҳод менамоянд давра ба давра зиёд гардида истодааст.

Агар дар соли 2019 зиёда аз 72,0 ҳазор субъект эъломияи худро ба тариқи электронӣ пешниҳод намуда истода бошад, дар айни замон зиёда аз 158,20 ҳазор субъектҳои хоҷагидор эъломияҳои худро тариқи электронӣ ба мақомоти андоз пешниҳод намуда истодаанд.

Ҳамзамон, дар фасли 3 Кодекси андоз оид ба баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ муқаррароти алоҳида пешбинӣ карда шуда, бо назардошти нишондиҳандаҳои махзани маълумотҳои Кумитаи андоз, ҳисоботҳои андозӣ ва муҳосибии андозсупоранда эъломияҳои андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин, андоз аз воситаи нақлиёт ва андози ягона тавассути барномаи компютерӣ ба таври автоматӣ ташаккул ёфта, дар шакли электронӣ ба мақомоти андоз пешниҳод мегардад.

Новобаста аз корҳои анҷом додашуда ва чораҳои дар ин самт андешидашуда, барои ба тартиби электронии пешниҳоди ҳисоботҳо гузаронидани андозсупорандагон ҳоло ҳам як қатор мушкилиҳо ҷой доранд аз ҷумла, мавҷуд набудани шароити техникии субъектҳои хоҷагидор, надоштани малакаи кор бо компютер ва суръати пасти интернет имконият надода истодаанд, ки корхонаҳо ва соҳибкорон пурра ба ин тартиб гузаронида шаванд.

Бо назардошти мушкилиҳои ҷой дошта, дар зиёда аз 40 шаҳру ноҳияҳо терминалҳои хизматрасонӣ ташкил карда шуда, бо таҷҳизотҳои муосир муҷаҳҳаз гардонида шуда, ба шабакаи интернет пайваст карда шудаанд ва андозсупорандагон метавонанд барои дар шакли электрони пешниҳод намудани ҳисоботҳо аз терминалҳои мазкур истифода намоянд.

Бо мақсади ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани андозҳо, сарфа намудани вақт ва кам кардани хароҷоти шаҳрвандону андозсупорандагон, бо

ҷалби ташкилотҳои қарзӣ хизматрасонии эквайрингӣ ҷорӣ гардидааст, ки тавассути он андозсупорандагон ва шаҳрвандон метавонанд бо истифодаи кортҳои пардохти бонкӣ андозҳо аз объектҳои ғайриманқул, андози замин, андоз аз воситаҳои нақлиёт ва боҷи давлатиро ба буҷет пардохт намоянд. Дар айни замон, тавассути хизматрасонии эквайрингӣ пардохт намудани андозҳо бо КВД Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" ва ҶСК "Алиф Бонк" амалӣ шуда истодааст.

Тибқи махзани маълумотҳо, то рузи 12 июли соли 2023 тавассути ин намуди хизматрасонии эквайрингӣ 8,6 ҳазор амалиёт (транзаксия) ҳамагӣ ба маблағи 5,1 млн. сомонӣ гузаронида шудааст.

Ҷиҳати пайваст намудани дигар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба хизматрасонии эквайрингӣ ва дар ин замина зиёд намудани ҳиссаи ба таври ғайринақди пардохт шудани андозҳо, чораҷӯӣ шуда истодааст.

Бо мақсади иҷрои банди 10 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" зикр гардидаанд ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» (аз 22 июни соли 2023, №586) ҷиҳати тақвият бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, аз ҷониби Кумитаи андоз бо як қатор бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла КВД "Саноатсодиротбонк", ҶСП "Душанбе Сити Бонк, ТАҚХ "Ҳумо", ҶДММ ТАҚХ "Пайванд Гуруҳ", ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл" ва ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" созишномаҳо оиди ба таври ғайринақдӣ қабул намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба имзо расонида шуд.

Дар доираи созишномаҳои мазкур тавассути замимаҳои мобилии бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии молиявии мазкур  айни замон ба таври ғайринақдӣ қабул намудани пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет дар шакли озмоишӣ амалӣ шуда истодааст.

Дар назар дошта шудааст, ки дар доираи созишномаҳои ҳамкорӣ тавассути дигар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла, ҶСП "Бонки Арванд", ҶСК "Ориёнбонк", ҶСК "Тавҳидбонк", ҶДММ "ТАҚХ "Тамвил", ҶСК "Алиф Бонк", ҶСК "Бонки Эсхата", ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон", ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" ва ҶСП "Спитамен Бонк"  тартиби ба таври ғайринақдӣ бо истифода аз ҳамёни электронӣ пардохт намудани андозҳо мавриди истифода қарор дода шавад.

Илова бар ин, дар филиалу шуъбаҳои Бонки давлатии амонатгузории "Амонатбонк" ПОС – терминалҳо насб карда шудааст, ки тавассути таҷҳизотҳои мазкур шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо истифода аз кортҳои бонкӣ маблағи андозҳоро ба таври ғайринақдӣ ба буҷет пардохт намуда истодаанд.

Тибқи маълумоти Бонки амонатгузории "Амонатбонк", то рузи 1 июли соли 2023 тавассути ПОС – терминалҳо ва ҳамёни электронии "Амонат мобайл" дар маҷмуъ 213,8 ҳазор шаҳрвандон ва андозсупорандагон ба маблағи зиёда аз 60,0 млн. сомонӣ андозҳоро ба таври ғайринақдӣ ба буҷет пардохт намудаанд.

Инчунин, бо мақсади бештар намудани муомилоти ғайринақдӣ, дар ҳамкорӣ бо Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо истифода аз QR – рамзҳо ва ҳамёнҳои электронӣ барои васеътар ба роҳ мондани ҳисоббаробаркуниҳо чораҷӯӣ шуда истодааст. Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда ба ҳолати 1 июли соли 2023 шумораи истифодабарандагони QR – рамзҳо 19,6 ҳазор ададро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4,8 ҳазор адад зиёд мебошад.

Бо назардошти арзёбии рушди маъмурикунонии андоз бо истифода аз тавсияҳои "Низоми баҳодиҳии ташхиси маъмурикунонии андоз" (ТАДАТ), ки аз ҷониби Хазинаи байналмилалии асъор гузаронида мешавад, барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз аз 1 январи соли 2023 дар шакли нав таҳия ва мавриди амал қарор дода шуд.

Барномаи мазкур баҳисобгирӣ, назорат, мониторинги амалиётҳои мақомоти андоз, андозсупоранда, коркард ва ташаккули ҳисоботи таҳлилиро дар шакли электронӣ иҷро менамояд.

Бинобар ин, дар доираи Системаи нави муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз модулҳо ва низоми хизматрасонии давлатӣ дар шакли электронӣ такмил ва бештар шуда истодааст.

Бояд қайд намуд, ки имрӯз раванди иҷрои уҳдадориҳои андозии субъектҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла соҳибкорони хурду миёна бо пешниҳоди эъломияҳо ва пардохти маблағи андозҳо то тартиб додани санади муқоисавӣ дар шакли электронӣ анҷом дода мешавад.

Дар доираи вазифаҳои асосии Барномаи рушди маъмурикунонии андоз, барои таъмини субъектҳои хоҷагидорӣ бо имзои электронии рақамӣ ҷиҳати дар шакли электронӣ пешниҳод намудани ҳисоботи андоз, аз моҳи апрели соли 2023 платформаи нави "Мушаххаскунии мобилӣ ва имзои электронии рақамӣ" мавриди амал қарор дода шуд. Тавассути платформаи "Мушаххаскунии мобилӣ ва имзои электронии рақамӣ" андозсупорандагон имкон доранд, ки бе ташриф омадан ба "Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз" ва ё мақомоти андоз ба модули "Ҳуҷраи шахсии андозсупорада" пайваст шуда, ҳисоботҳо ва эъломияҳои андозро дар шакли электронӣ ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд.

Бо мақсади боз ҳам сода гардонидани оғози фаъолияти соҳибкорӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки он аз 15 марти соли 2023 мавриди амал қарор гирифт. Мутобиқи тағйиру иловаҳои воридгардида, раванди бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ, мувофиқи принсипи "Равзанаи ягона" муҳлати анҷоми амали бақайдгирии давлатӣ аз 3-5 рӯзи корӣ ба 24 соат ва имкониятҳои истифодаи тартиби электронии бақайдгирии давлатӣ пешбинӣ карда шуд. Тибқи Қонуни мазкур анҷом додани амалҳои бақайдгирии давлатӣ, аз ҷумла бақайдгирии давлатии соҳибкорони инфиродии тибқи патент ё шаҳодатнома фаъолияткунанда дар муҳлати то 24 соат аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои дахлдор пешбинӣ карда шудааст.

Тадбирҳои дар асоси Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025 андешидашуда вобаста ба содагардонии расмиёти бақайдгирии давлатӣ, беҳтару бештар намудани хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ ва соддаю қулайн намудани уҳдадориҳои андозӣ имконият дода истодааст, ки шумораи субъектҳои соҳибкорӣ давра ба давра афзоиш ёбад. Тибқи маълумотҳо аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба санаи 1 июли соли 2023 шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор 345,4 ҳазор ададро ташкил дод, ки нисбат ба аввали сол 5,3 ҳазор адад зиёд мебошад.

**Банди 21** (Андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати беҳтар намудани мавқеи ҷумҳурӣ дар радабандии агентиҳои байналмилалии рейтингӣ, аз ҷумла Индекси рақобатпазирии глобалӣ, Индекси бехатарӣ ва амнияти Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ ва ғайра)

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати беҳтар намудани мавқеи ҷумҳурӣ дар радабандии агентиҳои байналмилалии рейтингӣ, Комиссияи доимоамалкунанда оид ба баррасӣ ва арзёбии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радабандиҳои байналмилалӣ дар назди муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Нақшаи кори Комиссия болозикр аз 15 ноябри соли 2022, , №22/3-363 (6) аз ҷониби муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд.

Тибқи Нақшаи кори Комиссияи доимоамалкунанда оид ба баррасӣ ва арзёбии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радабандиҳои байналмилалӣ) вазорату идораҳои дахлдор вобаста ба омухтан ва беҳтар намудани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандиҳои байналмилалии бонуфуз дар соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ (шохиси озоди иқтисодии Маркази тадқиқотии “Heritage Foundation”, шохиси рақобатпазирии глобалии Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ ва шохиси мусоиди соҳибкории Бонки Ҷаҳонӣ) ва кор бо нишондиҳандаҳои арзёбии Ташкилоти чолишҳои ҳазорсолаи ИМА (Агентии “Millenium Challenge Corporation (MCC)) муваззаф шуданд.

Вобаста ба ин, бо қарори Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи Ҷумҳурии Тоҷикистон Гурӯҳи кории салоҳиятноки доимоамалкунанда оид ба баланд бардоштани мавқеи кишвар дар арзёбиҳои байналмилалӣ аз ҳисоби вазорату идораҳо ва шарикони рушд таъсис дода шуд.

Инчунин, Кумита якҷо бо Котиботи Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мониторинги Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ барои солҳои 2019-2022 гузаронида, маълумоти муфассал оид ба натиҷаҳои мониторинг ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 январи соли 2023, №1-4а/68 ирсол намуд. Ҳамзамон, вобаста ба лоиҳаи нави Бонки Ҷаҳонӣ таҳти унвони “Фазои мусоиди соҳибкорӣ” (Busibess Enabling Environment (BEE)) бо мақсади арзёбии фазои соҳибкорию сармоягузории кишварҳо маълумотҳои муффасал ба унвони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур карда шуд.

**Банди 22** (Баланд бардоштани симои (имиҷи) сармоягузории Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ тавассути паҳн намудани иттилооти зарурӣ оид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, имкониятҳои сармоягузорӣ ва сайёҳии кишвар дар расонаҳои иттилоотии байналмилалӣ, шабакаҳои интернетӣ, инчунин ба вуҷуд овардани симои (имиҷи) саҳеҳу мусбии кишвар дар хориҷа ва фазои виртуалӣ (интернетӣ)

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор, аз ҷумла Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ роҳандозӣ намудани тадбирҳои самарабахш ҷиҳати рушд додани соҳаи сайёҳӣ, самаранок ва бо сифати баланд амалӣ кардани лоиҳаҳои сармоягузорӣ, идома додани бунёди инфрасохтори сайёҳии ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгуй, баланд бардоштани мавқеи байналмилалии кишвар чорандешӣ шуда истодааст.

Дар соли 2023 аз ҷониби Кумита ҷиҳати муаррифии имкониятҳои сармоягузории кишвар бо назардошти ҳадафҳои миллӣ беш аз 30 адад форуму ҳамоишҳои сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ баргузор карда шуд, ки дар доираи онҳо зиёда аз 200 санад ба маблағи 4,0 млрд доллари ИМА ба имзо расида, марҳила ба марҳила амалӣ шуда истодаанд.

Мавзӯи меҳварии форуму ҳамоишҳои болозикр пайдо кардани шарикони тиҷоратӣ миёни соҳибкорон ва тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии ҷонибҳо арзёбӣ гардида, ҷонибҳо ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд, инчунин табодули таҷрибаи пешрафта дар хусуси бунёди ширкатҳои муштараки сайёҳию истеҳсолӣ мебошад.

Бо ин матлаб, ҷиҳати бартарафсозии монеаҳои маъмурию сунъӣ, муосиргардонии хизматрасониҳои электронӣ, муаррифии имкониятҳои мавҷудаи кишвар, дарёфти шарикони тиҷоратӣ, дастрасӣ ба маълумот оид ба номгӯйи имконият ва имтиёзҳои пешбинишудаи Ҳукумати мамлакат ва дар ин замина ташкили муҳити тамосҳои мустақими байни субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ портали интерактивии доимамалкунандаи соҳибкор бо соҳибкор (www.b2b.tj) ташкил карда шудааст.

Айни замон, дар ин портал беш аз 700 ширкатҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба қайд гирифта шуда, молу маҳсулот ва хизматрасониҳои худро ба таври ройгон муаррифӣ намуда истодаанд, ки он барои ташкили тамосҳои мустақим байни соҳибкорони ватанию хориҷӣ мусоидат менамояд.

Портал аз 5 бахш иборат буда, дар онҳо маълумот оид ба фазои соҳибкорию сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, хабарҳои иқтисодии мамлакат, маълумот оид ба ширкатҳои ватанию хориҷӣ ва молу маҳсулотҳои истеҳсоли онҳо ҷойгир карда шудааст.

Айни замон, ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ 2 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 41,0 млн. доллари ИМА мавриди татбиқ қарор дошта, дар доираи онҳо ба ҳолати 1 октябри соли 2023 бо андозаи 7,4 млн. доллари ИМА маблағ азхуд карда шудааст.

Дар доираи лоиҳаи «Рушди соҳаи сайёҳӣ» таҳкими омори сайёҳӣ, таҳлил ва омӯзиши вазъи сайёҳии кишвар, омодасозии асосноккунии техникии

иқтисодии лоиҳаҳои самти сайёҳӣ ва баланд бардоштани иқтидори соҳаи сайёҳӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар доираи лоиҳаи «Рушди иқтисодиёти деҳот» беҳтар гардонидани шароити зиндагии аҳолии маҳаллӣ дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилояти Хатлон тариқи рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва агробизнес пешбинӣ гардидааст.

Лоиҳа қисматҳои беҳтар гардонидани инфрасохтори ҷамъиятӣ ҷиҳати рушди сайёҳӣ, агробизнес ва бахшҳои алоқаманд, дастгирии корхонаҳои микро, хурд ва миёна ва соҳибкороне, ки дар соҳаи сайёҳӣ, агробизнес ва бахшҳои алоқаманд машғул мебошанд, такмили иқтидор ва хизматрасониҳо оид ба рушди соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, агробизнес ва бахшҳои алоқаманд ва идоракунии лоиҳа оид ба пешниҳоди грантҳоро дар бар мегирад.

Инчунин, маблағгузории яке аз лоиҳаҳои бисёрсоҳавии самти рушди сайёҳӣ бо маблағи 45 млн. доллари амрикоӣ дар руйхати лоиҳаҳои индикативии Бонки Осиёгии Рушд (БОР) барои давраи солҳои 2024 – 2026 ворид карда шудааст, ки он идомаи татбиқи лоиҳаи «Рушди сайёҳӣ» ба ҳисоб рафта, ҷиҳати рушди сайёҳӣ, ҷалби сармояи иловагӣ дар ин самт, баланд бардоштани симои сайёҳии кишвар дар арсаи байналмилалӣ, бунёди инфрасохтори сайёҳӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ мусоидат хоҳад намуд.

Бояд қайд намуд, ки дар доираи Форуми байналмиллаии сармоягузории Душанбе дар ҳамкорӣ бо Кумитаи рушди сайёҳӣ бо сармоягузорон ва соҳибкорони хориҷӣ, ки дар кори Форум иштирок намуданд, 5 санади нави ҳамкорӣ, ду санад бо Федератсияи Россия, ду санад бо Ҷумҳурии Туркия ва як санд бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар самти ҳамкориҳои муфид ва рушди сайёҳӣ баста шуд.

Бо истифода аз имтиёзҳои андозию гумрукӣ дар ҳамкорӣ бо Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Мабдаи Нур» ҷиҳати бунёди Маҷмааи миллии соҳибкории «Роҳи Абрешим» дар шаҳри Истаравшан, соҳибкори инфиродӣ Махсумов Муртазо барои ташкили атраксионҳо дар боғи фарҳангию фароғатӣ ва дилхушии «Ҷаҳони Нав»–и шаҳри Исфара ва соҳибкори инфиродӣ Муҳсидинов Ҷамолиддин барои ташкили атраксионҳо дар боғҳои фарҳангию фароғатии ба номи С. Айнии ноҳияи Зафаробод ва шаҳри Бустони вилояти Суғд чораҳои зарурӣ андешида шуд, ки дар ояндаи наздик бунёди иншооти мазкур ба рушди инфрасохтори минтақаҳои деҳот мусоидат менамоянд. Ҳамзамон, ҷиҳати рушди сайёҳати табобатӣ ва экологӣ дар ҳошияи Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии «MITT–2023, ки рӯзҳои 16–18 марти соли 2023 дар шаҳри Москва баргузор гардид, байни ҶСК осоишгоҳи «Оби гарм» ва ҶДММ «Кронвелл Менеҷмент»–и Федератсияи Россия созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонида шуд.

Тибқи иттилои Кумитаи рушди сайёҳӣ ҷиҳати муаррифии зарфиятҳои сайёҳии кишвар, маводи иттилоотӣ дар самтҳои сайёҳӣ сайёҳии экологӣ, солимгардонӣ, куҳнавардӣ, таърихию фарҳангӣ, варзишӣ, рукъаҳо ва роликҳои сайёҳӣ дар намоишгоҳҳои байналмилалии сайёҳӣ, аз ҷумла намоишгоҳи 16–уми байналмилалии сайёҳӣ ва саноатии Теҳрон, «ITB Berlin–

2023» дар шаҳри Берлин, «MITT–2023» дар шаҳри Москва, Форуми сармоягузории Тоҷикистон ва Британияи Кабир ва намоишгоҳи сатҳи баланд дар доираи баргузории Конфронси дуюми Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили об дар шаҳри Ню–Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико муаррифӣ гардиданд. Инчунин, ҷиҳати таҳияи маводи таблиғотӣ ва филми мустанад оид ба зарфиятҳои сайёҳии кишвар ва муаррифии он дар арсаи байналмилалӣ тавассути шабакаҳои телевизионӣ, аз қабили «Моя планета» барои сабти силсилабарномаи «Магия вкуса», шабакаи «НТВ» сабти барномаи «Поедим–поедим»–и Федератсияи Россия, шабакаи телевизиони «BBC» ва «National Geografic» баррасӣ шуда истодааст.

**Банди 23** (Ташкили рейтинги миллии фазои соҳибкорию сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Бо мақсади иҷрои банди мазкур Кумита якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ маводи таҳлилӣ оид ба ташкили рейтинги миллии фазои сармоягузорӣ таҳия ва ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод намуд.

Мавриди қайд аст, ки рейтинги миллӣ ҳамчун низоми баҳогузории рушди иқтисодии маҳал ба баланд бардоштани масъулияти мақомоти маҳаллӣ, натиҷаҳои фаъолияти онҳо, паҳн намудани таҷрибаи пешқадами идоракунӣ дар сатҳи минтақавӣ, баҳогузорӣ ва муаяйн намудани мушкилоти муҳимтарини рушди соҳибкориву сармоягузорӣ, муайян кардани самтҳои афзалиятноки ислоҳоти минбаъда равона карда мешавад. Ин раванд тибқи Нақшаи амали барномаи мазкур солҳои 2023-2024-ро дар бар гирифта, корбарӣ дар ин самт идома дорад.

**Банди 24** (Андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати ҳалли масъалаи суръати сусти интернет дар кишвар ва таъмини устувории маблағгузории сомонаҳои интернетии асосии кишвар аз ҳисоби буҷети давлатӣ).

Тибқи иттилои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати ҳалли масъалаи суръати сусти интернет дар кишвар таҳлили мушкилоти мавҷудаи соҳа гузаронида шуда, таклифҳои мушаххас ба Бонки ҷаҳонӣ пешниҳод карда шуданд. Дар ин зимн 1054 адад стансияҳои базавӣ насб карда шуда, 500,5 километр хати нахи нурӣ баҳри вусъат бахшидани фаъолияти бемайлони стансияҳои базавӣ ва дастрасӣ ба шабакаи баландсуръати интернет насбу роҳандозӣ шудааст. Дар умум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 15625 адад стансияҳои базавӣ фаъолият карда истода, насби стансияҳои базавӣ ва кашидани хати нахи нурӣ идома дорад.

Ҳамзамон баҳри баланд бардоштани суръати интернет ва дастрасӣ ба алоқаи барқӣ зиёда аз 20 адад коммутатори 48 портаи IES-1248-51, 1 адад Cisco-3850, 3 адад коммутатори IES-5000 бо 11 модули 72 порта, ба истифода додани коммутатори IES-6000 бо 6 адад модули 72 порта, коммутатори IES-1000 бо 3 адад модули 12 порта ва таҷҳизотҳои баркдиҳанда ИБП Инвертор барои бо барқи доимӣ таъмин намудани таҷҳизотҳо дар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон насб карда ба истифода дода шуданд.

**Банди 25** (Гузаронидани таҳлили фазои сармоягузории Тоҷикистон дар муқоиса бо кишварҳои ҳамсоя ва ҷаҳон ва аз натиҷаи он пешниҳод намудани таклифҳои муфид ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ҷиҳати иҷрои банди мазкур таҳлили фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон гузаронида шуда, дар замима манзур мегардад.

Инчунин, таҳлилҳо оид ба фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар кишварҳои ҳамсоя аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ омода карда шуда, дар нимсолаи аввал ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур карда мешавад.

**Банди 26** (Ҷорӣ намудани низоми электронии хизматрасониҳо барои соҳибкорон (махзани ягона оид ба санҷишҳо ва иҷозату иҷозатномаҳо)).

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2021, №458 "Дар хусуси лоиҳаи Созишнома оид ба ҳамкорӣ вобаста ба ҳавасмандсозии рушд дар соҳаҳои сайёҳӣ ва саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ", ки аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бо Корпоратсияи мазкур ба имзо расонида шудааст, роҳандозӣ гардидани Низоми электронии хизматрасониҳо барои соҳибкорону сармоягузорон (Портали электронӣ) дар назар дошта шудааст.

Портал бо назардошти таҷрибаи давлатҳои пешрафта, хусусан бо мақсади аз байн бурдани омилҳои инсонӣ ва электронигардонии раванди гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ, инчунин ба нақшагирии санҷишҳои мақомоти санҷишӣ роҳандозӣ карда мешавад.

Айни замон, дар заминаи татбиқи созишномаи ҳамкории ба имзо расонидашудаи мазкур ҷиҳати пурра ҷорӣ намудани Портали электронӣ ба тариқи пилотӣ дар мақомотҳои муайянгардида, дар ҳамкорӣ бо Бонки давлатии амонатгузории "Амонатбонк", Вазорати молия ва Кумитаи андоз созишномаҳои ҳамкорӣ оид ба пайваст намудани махзани номбурда ба низоми электронии пардохтҳои хизматрасонӣ бо истифода аз кортҳои "Корти Миллӣ", интиқоли маблағҳои аз ҳисоби пардохткунанда ба суратҳисобҳои ҳисоббаробаркунии мақомоти пилотӣ ва ҷиҳати пайвастсозӣ ба низоми электронии мақомоти андоз омода ва баимзо расонида шуд. Дар ин раванд, ҷиҳати дуруст таҳия ва ба роҳ мондани меъёрҳои арзёбии дараҷаи таваккал дар Портали электоронӣ аз ҷониби масъулини Кумита бо ҷалби мутахассисони ширкати интихобгардида дар мақомоти пилотии ҳифзи муҳити зист, энергетика, стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, санитарию эпидемиологӣ ва нақлиёт корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд. Маврид ба зикр аст, ки гарчанде айни ҳол 6 мақомоти пилотӣ муайян ва дар онҳо ҷорӣ гардидани низоми мазкур ба нақша гирифташуда бошад ҳам, ворид намудани дигар мақомоти иҷозатдиҳандаву иҷозатномадиҳанда ва санҷишӣ марҳила ба марҳила дар Портали электронии мазкур пешбинӣ гардидааст. Ҳангоми пурра ҷорӣ гардидани низоми хизматрасониҳои электронӣ барои соҳибкорон (маҳзани ягона оид ба санҷишҳо ва иҷозату иҷозатномаҳо) ҷиҳати беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорону сармоягузорон ва баланд бардоштани рақобатпазирии бахши хусусӣ, аз ҷумла муттаҳидкунии

вазифаҳои санҷишии мақомоти санҷишӣ, соддагардонии раванди гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, иҷозатномадиҳӣ ва ба таври электронӣ ба роҳ мондани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор мусоидат менамояд.

**Банди 27** (Ҷорӣ намудани стандартҳои хизматрасонӣ барои Феҳрасти замин, Кадастр ва механизмҳои алоҳидаи шикоят аз болои чунин хизматрасониҳо дар ҳолати риоя нагардидани муҳлати муқарраргардида).

Дар доираи талаботи беҳтар кардани мавқеи ҷумҳурӣ дар самти соҳибкорию сармоягузорӣ, қарори Раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ "Дар бораи ҷорӣ намудани рақами кадастрии молу мулки ғайриманқул барои муттаҳид сохтани махзани маълумотҳои он" қабул гардида, муттаҳид намудани махзани маълумотҳои ин ду мақомот таъмин гардид.

Бо мақсади таъсис додани маҳзани электронии маълумот барои бақайдгирии ҳудудҳо, санҷиши нақшаҳо ва пешниҳоди иттилооти кадастрӣ, аз ҷумла шабакаи иттилоотию ҷуғрофӣ Кумитаи давлатии идораи замин дар шаҳри Душанбе геопортали амволи ғайриманқулро ба пуррагӣ ба истифода дод.

Ҳамзамон, дар доираи талаботи ҳисоботи мазкур барои таъмини механизми шаффоф ва самараноки риояи меъёрҳои пешниҳоди хизматрасониҳо оид ба бақайдгирии молу мулки ғайриманқул, аз ҷумла муҳлат, сифат ва пардохти арзиши расмии онҳо бо Фармони Директори КВД «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» Дастурамал дар бораи ҷорӣ намудани стандартҳои пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва механизмҳои алоҳидаи шикоят дар ҳолати риоя нагардидани меъёрҳои муқарраргардида тасдиқ карда шуд. Дар мавриди риоя нагардидани меъёрҳои муқарраргардида шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ шикоятҳоро аз болои хизматрасониҳо тавассути сомонаи расмии корхона (www.baqaydgiri.tj.) бо истифода аз банди тамоси қисмати навигатсиоинӣ, почтаи электронии info@registr_ni.tj, телефонҳои боварӣ ва твариқи хаттӣ ба унвонии роҳбари корхона ирсол менамоянд.Ҷиҳати таъмини дастрасӣ ба иттилоот оид ба молу мулки ғайриманқул ва ҳимояи сатҳи баланд аз бақайдгирии дубора Феҳристи молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он ва инчунин Феҳристи электронии маълумот оид ба уҳдадории (гарав, қарз, маҳдудият) молу мулки ғайриманқул дар пойгоҳи маҳзани барномаи электронии САБТ таъсис дода шуда, дар сомонаи www.baqaydgiri.tj дар реҷаи 24/7 рӯз ройгон, мустақим дастраси ҳамаи шаҳрвандон гардонида шудааст.

**Банди 28 (**Ба роҳ мондани автоматикунонии кори судҳо дар асоси таъмини ҳуҷҷатгузории электронӣ барои хизматрасониҳои «давлат ба доираҳои тиҷоратӣ», инчунин пурра ба таври автоматӣ ҷорӣ кардани таъиноти парвандаҳо ба судяҳо дар суди иқтисодӣ)

Тибқи иттилои Суди олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини шаффофият дар фаъолияти судҳои иқтисодӣ ва дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти онҳо ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори омма пайваста идома дошта, сомонаҳои судҳои иқтисодӣ дар шабакаи интернетӣ фаъол буда, ахбороту навигариҳо оид ба фаъолияти судҳои иқтисодӣ мунтазам дар сомона интишор карда мешаванд. Инчунин нақшаи қабули шахсони воқеӣ ва

намояндагони шахсони ҳуқуқӣ, почтаи электронии роҳбарият, судяҳо ва сардорони воҳидҳои сохторӣ дар сомонаи суд www.soi.tj ҷой дода шудааст, ки барои роҳандозии корбарӣ тариқи электронӣ мусоидат менамояд. Бо мақсади ба танзими ҳуқуқӣ даровардани пешбурди сомонаҳои судӣ Қоидаҳо оид ба пешбурди сомонаҳои судӣ таҳия ва бо фармоиши якҷояи раиси Суди Олӣ ва раиси Суди Олии иқтисодӣ аз 31 июли соли 2023 тасдиқ карда шуд, ки мавриди амал қарор дорад.

Ҳамчунин қонунгузории мурофиавӣ дар самти низоми коргузории электронӣ дар судҳо такмил дода шуда, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон №1931 аз 24 декабри соли 2022 тағйиру иловаҳо ба кодексҳои мурофиавии граждани ва иқтисодӣ ворид карда шуданд, ки мувофиқи он оид ба ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд тариқи суди электронӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст.

Ин раванд тибқи Нақшаи амали барномаи мазкур солҳои 2023-2024-ро дар бар гирифта, корбарӣ дар ин самт идома дорад.

**Банди 29** (Ба тартиб даровардани шумораи зиёдтарини мавқуфгузориҳои имконпазир ва маҳдуд намудани онҳо бо ҳолатҳои истисноӣ, тариқи ворид намудани тағйирот ба қонунгузории мурофиавии иқтисодии Тоҷикистон).

Тибқи иттилои Суди олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба тартиб даровардани шумораи зиёдтарини мавқуфгузориҳои имконпазир ва маҳдуд намудани онҳо ба ҳолатҳои истисноӣ, тариқи ворид намудани тағйирот ба қонунгузории мурофиавии иқтисодии Тоҷикистон бояд тазаккур дод, ки масъалаи мазкур дар моддаи 157 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими худро ёфта, мувофиқи қисми 7 моддаи зикршудаи ҳамин Кодекс муҳокимаи судӣ метавонад ба муҳлати бартараф кардани ҳолатҳое, ки барои мавқуф гузоштан асос шудаанд, лекин на зиёда аз даҳ рӯз мавқуф гузошта шавад. Пас аз ба муҳокимаи судӣ таъин кардани парванда, муҳокимаи судӣ наметавонад аз се маротиба зиёд мавқуф гузошта шавад.

**Банди 30** (Таъсиси маҳзани электронии маълумот барои санҷиши гарав, қарзҳои ипотекӣ ва маҳдудияту уҳдадориҳои дигар).

Тибқи иттилои Бонки миллии Тоҷикистон санҷиши таъминнокии уҳдадории қарздор бо гарав, шаффофият ва дар шакли электронӣ ба истифодабарандагон дастрас будани маълумот оид ба ҳолати гарав мақсаднок ва саривақтӣ мебошад. Дар ин замина таъсиси махзани электронии маълумот барои санҷиши гарав, қарзҳои ипотекӣ ва маҳдудияту уҳдадориҳои дигар барои рушди низоми иҷрои қарордодҳо ва таъмини ҳуқуқҳои молу мулкӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Ҳамзамон, санаи 29 сентябри соли 2023 дар доираи Форуми байналмилалии сармоягузории Душанбе-2023 байни Бонки милли Тоҷикистон ва Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ (IFC) Харитаи роҳ оид ба амалисозии лоиҳаи Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ «Маблағгузорӣ дар асоси дороиҳои манқул» барои соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2024 ба имзо расонида шуд.

Харитаи роҳи зикргардида дар доираи “Барномаи рушди маҳсулоти маблағгузорӣ дар асоси дороиҳои манқул (Assets based Finance - ABF) дар Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Гурҷистон ва Озарбойҷон дар давраи 2022-2025” ба имзо расонида шуд.

Қобили қайд аст, ки Барномаи ABF ба масъалаҳои мукаммалгардонии заминаи танзимкунандаи мавҷуда дар пешбурди имкониятҳои сармоягузорӣ барои маблағгузорӣ дар асоси дороиҳои манқул, таҳия ва татбиқи платформаи миллии электронӣ бо назардошти таъмини дастрасӣ ба маблағҳои соҳибкории хурду миёна, васеъ намудани доираи маҳсулоти молиявие, ки ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҷалби онҳо ба лоиҳаи озмоишӣ ва ҳамроҳ шудан ба платформаи миллии электронӣ бо таъминоти дороиҳои манқул ба мизоҷони худ пешниҳод менамояд ва баланд бардоштани иттилоотнокӣ ва иқтидори соҳибкории хурду миёна дар бораи пешниҳоди маҳсулот ва имкониятҳои нав, ки тавассути платформаи миллии электронии муқарраршуда пешниҳод карда мешавад, нигаронида шудааст.

**Банди 31** (Таҷдиди назар намудани қонунгузории амалкунанда дар самти идоракунни корпоративӣ )

Бо мақсади мукаммал намудани низоми идоракунии корпоративӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Кумита дар ҳамбастагӣ бо Бонки милии Тоҷикистон тибқи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ чораҳои заруриро амалӣ намуд. Вобаста ба ин, дар ҳамкорӣ бо коршиносони ҷалбнамудаи Бонки Ҷаҳонӣ ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) оид ба мукаммал намудани заминаи ҳуқуқии идоракунии корпоративӣ лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” қабул гардидааст.

Дар Қонуни мазкур асосан масъалаҳои бартараф намудани камбудиҳо дар фаъолияти бонкҳо ва пурзӯр намудани назорати онҳо, яъне идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ва дуруст ба роҳ мондани фаъолияти онҳо, баъзе қисмҳои моддаҳои амалкунанда ва худи моддаҳо таҳрир ва такмил дода шуда, қисмҳои нав ва моддаҳои алоҳида илова карда шудаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҳамкорӣ бо коршиносони ҷалбнамудаи Бонки Ҷаҳонӣ ва БАТР вобаста ба мукаммал намудани заминаи ҳуқуқии идоракунии корпоративӣ, лоиҳаи Роҳнамо оид ба принсипҳои идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ таҳия гардида, бо қарори Раёсати БМТ аз 19 ноябри соли 2021, №169 тасдиқ карда шуд.

Санади мазкур бо мақсади татбиқ намудани идоракунии корпоративӣ ба талаботҳои замони муосир ва ҳамчунин мутобиқ намудани принсипҳои идоракунии корпоративии амалкунанда ба принсипҳои Базелӣ, ба санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин ба тағйиротҳое, ки ба қонунгузорӣ вобаста ба мустаҳкам кардани низоми идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ дароварда шуда буд, таҳия гардидааст.

Илова ба ин, Дастурамали №247 “Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ” бо қарори Раёсати БМТ аз 19 ноябри соли 2021, №168 тасдиқ шуда, дар Вазорати

адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 декабри соли 2021, №1111 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Ин раванд тибқи Нақшаи амали барномаи мазкур солҳои 2023-2024-ро дар бар гирифта, корбарӣ дар ин самт идома дорад.

**Банди 32** (Фароҳам овардани имтиёзҳо ба ширкатҳое, ки идоракунии корпоративиро татбиқ мекунанд).

Тибқи иттилои Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзим ва назорати ташкилотҳои қарзии молиявӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ва “Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаҳои он” санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявиро тадриҷан аз нуқтаи назари назорати ба хавф нигаронидашуда ва принсипҳои маблағгузории исломӣ мегузаронад.

Санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла бонкҳо, бонкҳои исломӣ ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии исломӣ на камтар аз як маротиба дар як сол ва санҷиши намояндагиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд, ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ на камтар аз як маротиба дар ду сол аз ҷониби намояндагони (кормандони) ваколатдори Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Санҷиши равзанаи бонкии исломии ташкилотҳои қарзӣ на камтар аз як маротиба дар як сол гузаронида мешавад.

Ҷиҳати татбиқи назорати ба хавф нигаронидашуда қайд карда мешавад, ки аз ҷониби БМТ танзим ва назорати (санҷиши) ташкилотҳои қарзии молиявие, ки дар онҳо принсипҳои идоракунии корпоративӣ нисбат ба дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба таври дахлдор ба роҳ монда нашудааст, устувор ба роҳ монда мешавад.

Қобили қайд аст, ки дар моддаҳои 36 ва 37 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” масъалаҳои марбут ба татбиқи амалии идоракунии корпоративӣ ва шарту талаботҳо пешбинӣ карда шудаанд.

**Банди 33** (Омӯзиши масъалаи ҷоринамоии тадбирҳои ҳавасмандкунӣ тибқи таҷрибаи байналмилалӣ барои бахши хусусӣ ҷиҳати татбиқи идоракунии корпоративӣ дар корхонаҳои хусусӣ)

Ҷорӣ намудани таҷрибаи беҳтарини ҷаҳонӣ дар самти идоракуниии корпоративӣ аз 27 корхонаҳои азими давлатӣ айни ҳол дар 24 адад корхона Шӯрои нозирон таъсис дода шуд. Танҳо дар соли 2023 бо пешниҳоди Вазорати молия дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои нозирон дар КВД Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” ва бо қарори Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе” таъсис дода шудааст. Дар баробари ин санаи 12 ноябри соли ҷорӣ бо намояндагони Бонки Ҷаҳонӣ вохурӣ гузаронида шуда масъалаи таҳия ва омода намудани санадҳои меъерии ҳуқуқӣ оид ба таъсис додани шурои нозирон ва идоракунии минбаъдаи корпаративӣ дар корхонаҳо ва ҷамъиятҳо мавриди муҳокима қарор гирифт.

Ҳамзамон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо бо Вазорати молия дар доираи ваколатҳои худ ҷиҳати таъсиси Шӯрои

нозирон дар ҳамаи корхонаҳои азими давлатӣ ва иваз намудани шакли ҳуқуқии корхонаҳо ба ҷамъиятҳои саҳомӣ бо роҳи ҷорӣ намудани низоми идоракунии корпоративӣ минбаъд чораандешӣ менамояд.

**Банди 34** (Омода кардани маълумоти муфассал барои саҳмиягузорони хориҷӣ оид ба идоракунни корпоративӣ дар Тоҷикистон)

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо бо Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ мунтазам ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ тадбирҳои заруриро амалӣ намуда истодааст. Дар ин раванд, оид ба таъмини шаффофияти фаъолияти бонкҳо ва ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон маълумот дар бораи саҳмиядорони асосии бонкҳо, сармоягузории бонкҳо ба сармояи дигар ташкилотҳову корхонаҳо ва нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо мунтазам ҷойгир карда мешаванд. Илова бар ин, аз ташкилотҳои қарзӣ талаб карда шудааст, ки ҳамасола пас аз гузаштани аудити беруна ҳисоботи молиявии солонаи худро дар муҳлати на дертар аз 30 рӯзи баъди дастрасӣ дар сомонаи интернетии худ ҷойгир намоянд.

Ҳамзамон, дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон  санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба низоми идоракунии корпоративӣ бо ду забон (давлатӣ ва русӣ) ҷойгир карда шудаанд, ки метавонаинд ба ҷалби сармоягузороии хориҷӣ ба низоми бонкии кишвар мусоидат намоянд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми сармоягузорони хориҷӣ дар фонди оинномавии ду ташкилоти сугуртавии ғайридавлатӣ 100% ва дар як ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ     33,4%-ро ташкил медиҳад.

Вобаста ба ин, ҳангоми омода намудани маълумотҳо ва натиҷагириҳо аз рӯи ҷамъбасти давраҳои ҳисоботӣ доир ба масъалаи мазкур ахбороти муфассал омода карда шуда, он мавриди баррасии амиқ қарор дода мешавад

**Банди 35** (Гузаронидани семинар ва тренингҳо  оид ба навгонӣ дар самти идоракунии корпоративӣ).

Дар асоси маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон тибқи барномаи тасдиқшудаи омӯзишӣ барои бозомӯзии кормандони бонкҳои марказӣ (миллӣ) барои соли 2023, дар санаи аз 7 то 11 августи соли 2023 семинар (мизи мудаввар) вобаста ба мавзуи “Маблағгузории шарикӣ (бонкдории исломӣ), Иҷозатномадиҳӣ ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ, Идоракунии корпоративӣ, иҷозатномадиҳӣ ва азнавташкилдиҳии ташкилотҳои қарзӣ” дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон воқеъ дар шаҳри Гулистон бо иштироки намояндагони Бонки марказии Армения, Бонки миллии Ҷумҳурии Беларус, Бонки миллии Ҷумҳурии Қазоқистон, Бонки миллии Ҷумҳурии Қирғизистон, Бонки Россия баргузор карда шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки бо мақсади рушду инкишофи соҳаи суғуртаи кишвар дар самти самаранок ба роҳ мондани масъалҳои танзиму назорат, аз ҷумла дар самти идоракунии корпоративӣ корҳои назаррас анҷом ёфта истодаанд.

Дар ин раванд, бо саъю талошҳои Бонки миллии Тоҷикистон якчанд кӯмаки техникӣ аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ ҷалб гардид, ки дар

доираи он анҷом додани як қатор чорабиниҳои амалӣ вобаста ба фаъолияти суғуртавӣ тарҳрезӣ гардиданд.

Ҳангоми гузаронидани семинар ва тренингҳо дар радифи дигар масъалаҳои соҳаи суғурта аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ масъалаи идоракунии корпоративӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифта, доир ба самаранок ба роҳ мондани он мунтазам тавсияҳо дода мешаванд.

**Банди 36** (Ташкили курсҳои омӯзишӣ оид ба ҷоринамоии идоракунии корпоративӣ дар фаъолияти ширкатҳои хусусӣ).

Қайд кардан зарур аст, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд бо мақсади баланд бардоштани самарабахшии фаъолияти шурои нозирон дар бонкҳо ва ба роҳ мондани идоракунии корпоративӣ тибқи таҷрибаи байналмилалӣ барои роҳбарон ва шурои нозирони бонкҳо семинарҳо ва конфронси амалиро баргузор намуд.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи ҷоринамоии идоракунии корпоративӣ дар рафти ҷаласаву чорабиниҳо, ки аз ҷониби Бонки Миллии Тоҷикистон бо роҳбарон ва кормандони ташкилотҳои суғуртавӣ гузаронида мешавад мавриди баррасӣ қарор дода шуда, доир ба татбиқи амалии он тавсияҳо ва супоришҳо дода мешаванд.

Ҳамчунин, масъалаи мазкур аз ҷониби Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавӣ пайгирӣ карда мешавад.

**Банди 37** (Тақвияти фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ дар самти пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ).

Аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вобаста ба тақвияти фаъолият дар самти пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ» таҳия гардида, тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баррасии такрории вазорату идораҳо қарор дорад.

Ҷиҳати иҷрои сархати чоруми банди 16 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2023, №36 вобаста ба банақшагирии воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар лоиқаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» тахия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2023, №595 қабул карда шуд.

**Банди 38** (Рушд додани механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои ҷалби сармояи хусусӣ ҷиҳати амалисозии лоиҳаҳои инфрасохторӣ дар ҷумҳурӣ).

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо, шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ҷиҳати таҷдиди назар намудани қонунгузорӣ оид ба консессияҳо, шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва фароҳам овардани заминаи мусоиди меъёрии ҳуқуқӣ барои истифодаи васеи механизми шарикии давлат бо бахши хусусӣ ва консессияҳо дар доираи як қонун таҳия карда шуд.

Лоиҳаи мазкур заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ тибқи таҷрибаи байналмилалӣ такмил дода шуда, ҷиҳати рушди минбаъдаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ ва ҷалби сармояи хусусӣ механизмҳои нави дастгирии давлатӣ ва кафолатҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ пешбинӣ карда шуда, расмиёти пешниҳод ва тасдиқи лоиҳаҳо содда гардонида шудааст.

Айни замон бо бастани созишнома байни мақомоти давлатӣ ва шарикони хусусӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ва қарорҳои Шӯро оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ 14 лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо ҷалби беш аз 496,5 миллион сомонӣ сармояи бахши хусусӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ татбиқ шуда истодааст, ки дар натиҷаи татбиқи лоиҳаҳои шарикӣ ухдадориҳои иҷтимоии давлат коҳиш дода шуда, беш аз 667 ҷойи корӣ таъсис дода шуда, зиёда аз 14 миллион сомонӣ ба буҷети давлат андозҳо пардохт гардидааст.

Ин раванд тибқи Нақшаи амали Барномаи мазкур солҳои 2023-2025-ро дар бар гирифта, корбарӣ дар ин самт идома дорад.

**Банди 39** (Бунёди инфрасохтори иҷтимоии лозима дар минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон ва паст намудани арзиши иҷораи замину амвол дар минтақаи озоди иқтисодӣ).

Тибқи иттилои Вазорати рушди иқтисод ва савдо ҳамасола аз буҷети давлатӣ барои таъмини инфрасохтор ва нигоҳдории минтақаҳои озоди иқтисодӣ маблағҳои муайян ҷудо мегардад ва сохтмони инфрасохтори зарурӣ дар минтақаҳо марҳила ба марҳила давом дорад. Аз оғози ташкилёбӣ барои нигоҳдорӣ ва таъмини инфрасохтори минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ 89 млн. сомонӣ равона гардидааст. Дар ин давра аз ҳисоби пардохтҳои андозӣ (андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ) ва гумрукии субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба буҷети давлатӣ 291 млн. сомонӣ ва ё зиёда аз 3 маротиба маблағи барои минтақаҳо ҷудогардида ворид гардидааст. Вазорат лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ”, лоиҳаҳои қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии “Данғара”, “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии “Суғд”, “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии “Панҷ”, “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим” ва “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии “Кӯлоб”-ро таҳия намуда, тибқи тартиби муқаррargардида ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд. Масъалаи паст кардани арзиши иҷораи замину амвол дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ҷалб намудани “ширкати хизматрасон” ҷиҳати роҳандозии низоми нави идоракунӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ бо ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ барои бунёди инфрасохтори зарурӣ дар минтақа ва пешниҳоди хизматрасониҳои муосири инфрасохторӣ ба

субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар санадҳои қайдгардида ворид карда шудааст.

Аз оғози фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати молия барои сохтмони инфрасохтори аввалиндараҷа ва нигоҳдории маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ диққати махсус зоҳир намуда, ҳамасола аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағҳои заруриро равона намуда истодааст.

Дар давоми солҳои 2011-2022 аз ҳисоби маблағгузориҳои асосии мутамаркази буҷети ҷумҳуриявӣ барои рушди инфрасохтори аввалиндараҷаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва нигоҳдории маъмурияти онҳо 40,8 млн сомонӣ равона гардида, барои ин мақсад дар соли 2023 аз ҳисоби буҷети ҷумҳурявӣ 21,4 млн сомонӣ пешбинӣ шуда, маблағгузории он аз рӯи нақшаи молиявӣ амалӣ гардида истодааст.

**Банди 40** (Омӯзиш ва таҳияи таклифҳо оид ба ташкили механизми дастгирии давлатии бахши хусусӣ дар ҳолатҳои фавқулода)
Ҷиҳати иҷрои банди мазкур корбарӣ бо шарикони рушд, ҷиҳати омухтани таҷрибаи байналмилалӣ оид ба ташкили механизми дастгирии давлатии бахши хусусӣ дар ҳолатҳои фавқулода шуда, таҳлил ва таклифҳо дар нимсолаи аввали соли 2024 ба унвони Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон ирсол хоҳад шуд.

**Банди 42** (Омӯзиш ва пешниҳоди таклифҳо ҷиҳати ташкил намудани шабакаи ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, аз ҷумла бонкҳо ва фондҳои маблағгузорӣ, ширкатҳои хусусии нафақавӣ, фондҳои венчурӣ ва хедҷӣ, фариштаҳои тиҷоратӣ (бизнес-ангелҳо), инчунин гардиши коғазҳои қиматноки корпоративӣ бо мӯҳлати пардохташон аз 5 то 30 сол барои маблағгузории ба бахши воқеӣ ва инфрасохтор).

Тибқи иттилои Бонки миллии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ фондҳои маблағгузорӣ, фондҳои венчурӣ ва хедҷӣ, ширкатҳои хусусии нафақавӣ, фариштаҳои тиҷоратӣ ва бозори коғазҳои қиматнок аз унсурҳои муҳими бахши молиявии иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб рафта, метавонанд барои ҷалби маблағҳои озод ва ба соҳаҳои дигари иқтисодиёт сармоягузорӣ намудани онҳо заминаи воқеӣ гузорад. Танзими ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорӣ тавассути санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии давлатӣ, инчунин созишномаҳои берунмарзӣ, созишномаҳои байни иштирокчиёни фаъолияти сармоягузорӣ амалӣ карда мешавад. Бо рушд ёфтани дигар самтҳои иқтисодиёт, алалхусус сармогузориву соҳибкорӣ таъсири он ба низоми бонкӣ низ мусбат арзёбӣ мегардад.

Ҳаҷми бақияи пасандозҳои низоми бонкӣ ҳамчун сарчашмаи асосии маблағгузорӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт ба ҳолати 30 ноябри соли 2023 18,3 млрд сомониро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин санаи соли 2022 39,0 фоиз зиёд мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тайи солҳои охир бинобар сабаби беҳтар гардидани фаъолияти низоми бонкӣ ҷолибият барои гузоштани маблағҳои озод ба бонкҳои кишвар зиёд гардида, дар умум ҳаҷми пасандозҳои низоми бонкӣ рушд намуда истодааст.

Лозим ба ёдоварист, ки ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳо ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт ташкили фазои мусоид ва инфрасохтори молиявӣ зарур

аст, ки аз ҷониби мақомоти дахлдор механизмҳои нави ҷалби сармоягузориҳо таҳия шуда, он дар амал татбиқ гарданд.

Ғайр аз ин, рушди бозори коғазҳои қиматнок яке аз масъалаҳои муҳими макроиқтисодӣ ба шумор рафта, ба табақаҳои васеи аҳолӣ барои иштирок дар моликият имконият фароҳам оварда, ба ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, истифодаи коғазҳои қиматнок ба сифати гарави қарз ва такмили фишангҳои танзими муомилоти пулӣ мусоидат хоҳад кард.

Инчунин, қайд намудан зарур аст, ки фондҳои маблағгузорӣ, венчурӣ ва хедҷӣ ширкатҳои молиявие мебошанд, ки маблағгузории колективӣ ба коғазҳои қиматнокро амалӣ мекунанд. Фондҳои мазкур коғазҳои қиматнокро харидорӣ, нигаҳдорӣ ва бо мақсади ба даст овардани фоида дар бозори коғазҳои қиматнок мефӯрушанд.

Бинобар ин, ба мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба танзими бозори коғазҳои қиматнок тавсия дода мешавад, ки ҷиҳати ташкили хариду фурӯши коғазҳои қиматнок тадбирҳои заруриро амалӣ намоянд.

Ҳамзамон, бо мақсади рушди бозори коғазҳои қиматнок, аз ҷумла дар самти барориш ва паҳн кардани коғазҳои қиматноки корпоративӣ омӯзиши таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Инчунин, бо мақсади баланд бардоштани саводнокии молиявӣ оид ба мафҳумҳои нави соҳаи молиявӣ таҳия гардидани роликҳои таблиғотӣ ва гузаронидани назарсанҷии аҳолӣ оид ба масъалаи мазкур ба маврид мебошад.

Бояд қайд намуд, ки санаи 28 ноябри соли 2023 дар доираи ҷаласаи XXIII Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ таҳлил оид ба фондҳои венчурӣ пешниҳод карда шуд. Зимни ҷаласа ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш дода шуд, то ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо бо мақсади муҳайё намудани заминаи меъёрии ҳуқуқии сармоягузории венчурӣ, фондҳои венчурӣ, сарчашмаҳои алтернативии маблағгузорӣ, бастани шартномаҳо оид ба татбиқи лоиҳаҳои стартап ва ҷанбаҳои пешрафти ин самтҳо, аз ҷумла пешниҳоди тағйиру иловаҳои зарурӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ва Қонун «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» чораҷӯйӣ намоянд.

**Банди 43** (Андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати ворид гардидани иштирокчиёни нав, алахусус ташкилотҳои молиявии хориҷӣ ба бозори молиявии дохилӣ).

Тибқи иттилои Бонки миллии Тоҷикистон Қонунгузории ҷумҳурӣ барои таъсисдиҳии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва филиалҳои (намояндагиҳои) бонкҳои хориҷӣ имкониятҳо фароҳам овардааст ва Бонки миллии Тоҷикистон барои дар чорчӯбаи қонунгузорӣ баррасӣ намудани ҳуҷҷатҳои таъсисдиҳии воҳидҳои сохтории дилхоҳи бонкҳои хориҷӣ омода мебошад.

Бояд қайд намуд, ки аз шумораи умумии ташкилотҳои қарзии молиявии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятдошта, ки 63 адад мебошанд, аз онҳо 8 адад пурра бо сармояи хориҷӣ ва 4 адад бо иштироки сармояи хориҷӣ фаъолият менамоянд.

Айни замон, дархости 2 адад ташкилоти маблағгузории хурд, ки муассисони он хориҷӣ мебошанд, ҷиҳати табдил додани онҳо ба бонк таҳти баррасӣ қарор дорад.

Илова ба ин, ёдрас менамоем, ки аз ҷониби ҶС "Бонки Фридом финанс Қазоқистон" дар соли ҷорӣ дархост оид ба таъсис додани бонки фаръӣ ворид гардида, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳолати баррасӣ қарор дорад.

**Банди 44** (Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, аз ҷумла таҳияи механизми расонидани кӯмаки фаврӣ ба Хазина (пешниҳоди пардохтпазирӣ) аз ҷониби давлат бо мақсади иҷрои саривақтии уҳдадориҳо дар назди пасандоздорон).

Тибқи иттилои Бонки миллии Тоҷикистон Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳо бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон бо роҳи пардохти ҷубронпулии суғурта тибқи қонунгузорӣ ҷиҳати таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, фаъолияти худро дар доираи қонунгузорӣ ба роҳ мондааст.Қобили зикр аст, ки Ассосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёму баромадҳои худ мунтазам оид ба таъмини рушди устувори низоми бонкӣ тавассути зиёд намудани пасандозҳо ва ҷалби бештари мизоҷон ба хизматрасониҳои бонкӣ суханронӣ менамоянд. Аз ҷумла, аз ҷониби Пешвои миллат қайд гардидааст, ки қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" заминаи кафолати пасандозҳои шахсони воқеиро таъмин намуда, мустақиман ба ин ҳадафҳо равона гардидааст.

Бояд ёдовар гашт, ки 15 марти соли 2023, №1961 қонун дар бораи тағйиру иловаҳо ба қонуни зикршуда қабул гардид, ки он барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти Хазина мусоидат хоҳад кард. Инчунин тибқи тағйиротҳои Қонуни мазкур доираи шахсони суғурташаванда (пасандоздорон) – ғайр аз шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, инчунин шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми содакардашудаи баҳисобгириро истифода мекунанд ва бо ташкилоти қарзӣ шартномаи пасандози бонкӣ ё шартномаи суратҳисоби бонкӣ бастаанд, фаро мегирад.

Ҷиҳати дар давраи дарозмуҳлат мусоидат намудан барои таъмини устувории молиявӣ ва иҷрои босамари ваколатҳои Хазина, инчунин такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва пешбурди корҳои таблиғотӣ ва ташвиқотӣ, аз ҷониби Хазина дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва вазорату идораҳои дахлдор як қатор тадбирҳои зарурӣ андешида шуда истодаанд, ки ҳангоми дар амал татбиқ намудани онҳо фаъолияти Хазина ва ҳолати молиявии он то андозае беҳтар мегардад. Дар ин асно, бо мақсади устувории низоми суғуртаи пасандозҳо ва таъмини суботи молиявии иқтисодиёти миллӣ аз 26 ноябри соли 2020, №622 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби ҷудо намудани қарз ҳангоми касри Хазина қабул карда шуда, он механизм ва шартҳои ҷудо намудани маблағҳои қарзии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пушонидани касри Хазина пешниҳодгардидаро муайян мекунад. Дар баробари ин, айни замон баррасии

лоиҳаи грантии “Рушди бахши молия ва бахши хусусии Тоҷикистон” байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Ҷаҳонӣ рафта истодааст. Дар доираи ин лоиҳа ҷудо намудани маблағҳои грантӣ барои пур кардани сармояи Хазина пешбинӣ гардидааст.

**Банди 45** (Ташкили корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати ташаккули маърифати сармоягузории аҳолӣ).

Тибқи иттилои Бонки миллии Тоҷикистон дар давоми соли 2023 фестивали “Саводнокии молиявӣ” дар шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд, Бохтар ва Кулоб баргузор гардид, ки дар қисмати аввали он, яъне форуми саводнокии молиявӣ мутахассисони соҳа дар мавзуҳои тиҷорат, сармоягузорӣ ва як қатор мавзуҳои дигар бо рӯнамо баромад намуданд. Маврид ба зикр аст, ки дар чорабиниҳои мазкур зиёда аз 20 000 нафар бевосита ширкат варзиданд ва оид ба ташаккули маърифати сармоягузорӣ маълумоти зарурӣ дастрас намуданд.

Илова бар ин, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ ва ташаккули маърифати сармоягузории аҳолӣ 2 сентябри соли равон дар кинотеатри “Ватан” якҷо бо Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) намоиши филми “Дукон” баргузор карда шуд, ки дар он зиёда аз 200 нафар донишҷӯён иштирок намуданд. Боиси зикр аст, ки филми мазкур оид ба таъсири меъёрҳои иҷтимоӣ ба рафтори молиявӣ буда, ҳамзамон оид ба сармоягузорӣ маълумотҳои зиёдеро инъикос намуд.

Ҳамзамон, дар доираи “Рӯзи ҷаҳонии пасандоз”, ки ҳамасола 31 октябр дар ҷаҳон қайд карда мешавад, Бонки миллии Тоҷикистон якҷо бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, касбӣ ва олӣ дар мавзуи “Пасандоз ва сармоягузорӣ” 255 чорабинии маърифатӣ ва семинар-машваратҳо баргузор намуданд, ки дар ин чорабиниҳо зиёда аз 11 000 нафар хонандагон ширкат варзида, оид ба пасандозкунӣ ва сармоягузорӣ маълумоти зарурӣ гирифтанд.

Инчунин, дар соли 2024 низ баргузории чорабиниҳои маърифатӣ ва семинар - машваратҳо дар назар аст, ки бахусус ҷиҳати ташаккули маърифати сармоягузории аҳолӣ равона карда мешаванд.

Аз ҷониби муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ»-и назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар соли 2023 чорабиниҳо ва барномаҳои гуногуни омӯзишӣ дар робита ба тушаккули маърифати сармоягузории аҳолӣ баргузор карда шуданд, ки дар онҳо шумораи зиёди соҳибкорони навкор ва хурду миёна ширкат намуда, дар пешбурди фаъолияти соҳибкории худ ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд.

**Банди 46** (Таҳлили соҳаи алоқа ва дар ин замина гузаронидани ислоҳоти соҳаи алоқаи ҷумҳурӣ).

Хадамоти алоқа фаъолияти худро бо назардошти манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсиси фазои мусоид ҷиҳати ҷалби сармояҳои моддию маънавӣ ва истифодаи онҳо дар самти рушд ва равнақи соҳаи алоқаи барқии кишвар амалӣ намуда, бо ширкатҳои хориҷӣ оид ба сармоягузорӣ бо Бонки умумиҷаҳонӣ пешниҳодҳоро манзур намуда, ворид намудани стансияҳои базавии LTE ба миқдори 7,6 ҳазор адад бо ширкати “Хуавей

технологияи Тоҷикистон" шартномаро ба имзо расонид, ки ин солҳои 2024 то 2028-ро дарбар мегирад. Гуфтушунидҳо оид ба насб намудани хатти нахи нурӣ бо Ҷумҳурии Халқии Хитой ва ба имзо расонидани шартномаҳо идома доранд, ки баҳри таъмини дастрасӣ ба шабакаҳои интернет ва суръати зарурии он иқдоми саривақтӣ хоҳад буд. Шартнома ва меморандум бо ҶС "Технологияи иттилоотии миллӣ"-и Ҷумҳурии Қазоқистон, ҶДММ "Питер Ай Икс" ва "Цифра"-и Федератсияи Россия ба имзо расонида шуданд.

**Банди 47** (Тақвияти корҳо дар самти зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ тавассути ҳавасмандгардонии самарабахш (паст кардани фоизи ҳаққи хизматрасониҳои эквайрингӣ (комиссия), зиёд кардани амалиётҳои тиҷорати электронӣ, пешниҳоди барномаҳои ҳавасмандгардонӣ (кэшбек ва бонусҳо).

Бонки миллии Тоҷикистон, ҳамчун ҷузъи асосии инфрасохтори молиявӣ ва мақоми танзимкунандаи низоми пардохтии кишвар, бо мақсади иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои давлатӣ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва шарикони рушд мунтазам тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Бо ин мақсад як қатор ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ хизматрасонии фосилавии бонкиро татбиқ намуда, ба аҳолӣ имкониятҳои осон, дастрас ва ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани молу хизматрасониро пешниҳод менамоянд. Дар баробари ин, ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар амал татбиқ намудани технологияҳои муосир (хизматрасонии фосилавии бонкӣ), аз қабили кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ, бонкдории мобилӣ, интернет-бонкинг ва пардохт тавассути POS – терминал ва QR-рамзро дар сатҳи зарурӣ идома медиҳанд. Аз ҷониби ташкилотҳои мазкур мунтазам ҳавасмандгардонии муштариён барои истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ва вусъат додани пардохтҳои ғайринақдӣ пешниҳоди "Cash back", яъне баргардондани маблағи муайян ба муштарӣ дар мавриди пардохти ғайринақдӣ, аксияҳои бурднок, бонусҳо, пешниҳоди фоиз ба бақияи суратҳисоби кортҳои пардохтӣ ва ғайра, роҳандозӣ гардидааст.

Қобили қайд аст, ки айни замон шабакаи терминалии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ васеъ паҳн гардида, хизматрасонии кортҳои пардохтии бонкии низоми пардохтии миллии "Корти миллӣ", инчунин низомҳои пардохтии байналмилалии Visa, Mastercard, UnionPay ва American Express – ро анҷом медиҳад ва ин ба муштариён имконияти бемамоният анҷом додани амалиёти пардохти ғайринақдии молу хизматрасонӣ, гирифтани пули нақд ва хизматрасонии дигарро, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар роҳандозӣ гардидаанд, фароҳам меорад.

Ҳамзамон, қайд намудан бамаврид аст, ки дар амал татбиқ кардани технологияи интиқоли маблағҳои электронӣ яке аз равандҳои муосир дар низоми бонкии кишвар маҳсуб ёфта, аз соли 2018 инҷониб ташкилотҳои қарзии молиявӣ ин усули пардохтҳои ғайринақдиро ба муштариёни худ пешниҳод менамоянд.

Бо истифодаи маблағҳои электронӣ муштариён имкон пайдо карданд, ки як қатор хизматрасониро, аз қабили пардохти молу хизматрасонӣ дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ, пардохти ҳаққи хизматрасонии коммуналӣ, баъзе аз намудҳои андоз, пардохти қарз, интиқоли маблағ ба дигар ҳамёни электронӣ, пардохт дар интернет мағозаҳо, пардохти хизматрасонии алоқа ва ғайраро тавассути смартфонҳо ба таври ғайринақдӣ анҷом диҳанд.

Инчунин, бо қабул гардидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ", ташкилотҳои қарзии молиявӣ шуруъ аз 1 августи соли 2023 қабули маблағи пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасонии тиббӣ, хизматрасонии коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасонии давлатиро тариқи нақдӣ манъ намуда, қабули онҳоро танҳо ба таври ғайринақдӣ бо истифодаи ҳамёнҳои электронӣ, замимабарномаҳои мобилӣ ва воситаҳои дигари ғайринақдии пардохтӣ роҳандозӣ намуданд.

Бо мақсади таъмини инфрасохтори пардохтӣ ташкилотҳои қарзии молиявӣ навъҳои гуногуни хизматрасонии пардохтиро бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ ва замимабарномаҳои мобилӣ (ҳамёнҳои электронӣ) пешниҳод намуда, имкон фароҳам овардаанд, ки тавассути низомҳо ва инфрасохтори пардохтӣ маблағи пардохтҳои давлатиро ба таври ғайринақдӣ қабул ва дар сомонаҳои расмии вазорату идораҳои давлатӣ хизматрасонии интернет-эквайрингро ташкил намоянд (пардохт тавассути сомонаи мақомоти давлатӣ), инчунин тавассути ҳамгироӣ бо низомҳои иттилоотию биллингии мақомоти давлатӣ дар ҳамёни мобилии худ (замимабарномаи мобилӣ) пардохти ҳизматрасонии давлатиро барои муштариён имконпазир гардонанд.

Тибқи маълумоти оморӣ то 30 ноябри соли 2023 аз ҷониби 24 ташкилоти қарзии молиявӣ дар маҷмуъ 6,6 млн адад корти пардохтии бонкӣ ба муомилот бароварда шудааст, ки шумораи онҳо нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ32,8 фоиз зиёд мебошад.

То 30 ноябри соли 2023 теъдоди умумии ҳамёнҳои электронии 22 ташкилоти қарзии молиявӣ 8,1 млн. ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли 2022 1,7 млн адад (26,3%) афзудааст.

Ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои бо пули нақд таъмин кардани дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ 2 200 адад банкомат ва 3 434 адад терминали электронӣ дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд (НППН) насб намудаанд. Нишондиҳандаҳои мазкур нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 мувофиқан 30,9 фоиз ва 64,1 фоиз зиёд мебошанд. Илова бар ин, барои қабули пардохтҳои ғайринақдии молу хизматрасонӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ 6 632 адад POS - терминал ва 11 841 адад QR–рамз насб карда шуданд, ки назар ба ҳамин давраи соли 2022 теъдоди онҳо мувофиқан 69,2 фоиз зиёд ва 31,3 фоиз кам мебошанд. Сабаби кам шудани теъдоди QR-рамзҳо ин гузариш ба QR-рамзи ягона мебошад. Шумораи терминалҳои худкори худхизматрасон ба санаи ҳисоботӣ ба 9 881 адад баробар гардид.

Натиҷаи рушди босуръати воситаҳои электронии пардохтӣ ва инфрасохтори пардохтӣ дар 5 соли охир динамикаи мусбати афзоиши ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ дар иқтисодиёти кишвар мебошад. Дар моҳҳои январ - ноябри соли 2023 бо истифодаи воситаҳои электронии пардохт (кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) 50,5 млн амалиётҳои ғайринақдӣ ба маблағи 13,6 млрд сомонӣ гузаронида шуданд, ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 аз рӯи шумора 69,8 фоиз ва аз рӯи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 89,2 фоиз афзоиш ёфтааст.

Ҳамин тариқ, дар ин давра таносуби ҳаҷми амалиётҳои гирифтани пули нақд ва пардохти ғайринақдии молу хизматрасонӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ 80,7 фоиз ба 19,3 фоизро ташкил дода, ҳиссаи амалиётҳои пардохти ғайринақдӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 7,7 банди фоизӣ зиёд гардидааст.

Боиси қайд аст, ки яке аз навовариҳо дар низоми пардохтии кишвар татбиқи лоиҳаи “QR-рамзи ягона” мебошад, ки он дар доираи модули пардохтҳои босуръати Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳои Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ гардида, аз 1 августи соли 2023 пурра ба фаъолият шуруъ кард. QR-рамзи ягона ба рушди ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар кишвар мусоидат намуда, имкон фароҳам меорад, ки дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ амалиётҳои пардохтӣ тавассути дилхоҳ ҳамёни электронии ташкилотҳои қарзии молиявӣ амалӣ карда шаванд.

Дар баробари ин, Бонки миллии Тоҷикистон Низоми пардохтии “Ватан”-ро, ки барои интиқоли маблағ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар дохили кишвар имкон фароҳам меорад, бомуваффақ татбиқ намуд.

Бо мақсади зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» қабул гардид.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо тибқи супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 сентябри соли 2023, №33348(23-9) вобаста ба масъалаи муқаррар намудани меъёри ягонаи пардохти ҳаққи хизматрасониҳои ғайринақдӣ ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ хулосаи дахлдор аз 17 октябри соли 2023, №07/1-429 бо таклифу пешниҳодҳои мушаххас ба Ҳукумати ҷумҳурӣ ирсол намудааст.

Ҳамзамон вазорат пардохти музди меҳнат, маблағҳои сафарҳои хизматӣ, пардохти андоз аз даромади шахсони воқеӣ (музди меҳнат), андоз аз воситаҳои нақлиёт, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар хароҷотҳое, ки дар харҷномаи даромаду хароҷоти вазорат пешбинӣ гардидааст, тавассути воситаи электронии пардохтӣ ба роҳ мондааст.

Дар Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдо аз санаи 1-уми августи соли 2023, қабули ҳама намуди пардохти хизматрасониҳои музднок тариқи ғайринақдӣ бо истифода аз POS-терминали электронии бо КВД БА ҶТ «Амонатбонк», ҶСК «Бонки Эсхата», ҳамёнҳои электронии «Амонат мобайл», «Алиф моби»,

«Эсхата онлайн», «Душанбе сити бонк» ва «Ҳумо онлайн» ба роҳ монда шудааст.

Инчунин дар муассиса QR-рамзи ягона фаъол карда шудааст, ки ин имконият медиҳад аз ҳама ҳамёнҳои электронӣ хизматрасониҳои муассиса тариқи ғайринақдӣ пардохт карда шавад. Ба санаи 31 декабри соли 2023-юм аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои қабули пардохтҳои ғайринақдии молу хизматрасонӣ, дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонии ҷумҳурӣ 12,6 ҳазор QR-рамзи ягона насб карда шуд. Дар соли 2023 дар муассисаҳои савдою хизматрасонии кишвар тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) 57,2 млн. амалиётҳои ғайринақдии пардохти молу хизматрасониҳо ба маблағи 15,5 млрд. сомонӣ анҷом дода шуданд, ки нисбат ба соли 2022 аз рӯйи шумора 71 фоиз ва аз рӯйи ҳаҷми амалиёти гузаронидашуда 90,4 фоиз афзоиш ёфтаанд.

**Банди 48** (Андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати ҷалб намудани соҳибкорони ватании бурунмарзӣ барои амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон).

Ҷиҳати муаррифии имкониятҳои сармоягузории мамлакат, соли 2023 аз ҷониби Кумита беш аз 30 адад форуму ҳамоишҳои сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ баргузор карда шуд, ки дар он соҳибкорони ватании бурунмарзӣ низ иштирок варзиданд. Бояд зикр намуд, ки дар доираи форумҳо беш аз 200 санади тиҷоратию сармоягузорӣ ба маблағи беш аз 4,2 млрд доллари ИМА ба имзо расида, марҳила ба марҳила ҷиҳати амалигардонии онҳо қорҳо амалӣ шуда истодаанд.

Инчунин, дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияи давлатии шаҳри Душанбе санаи 29 сентябри соли 2023 дар пойтахи мамлакат Форуми байналмилалии сармоягузории «Душанбе 2023» бо иштироки беш аз 800 нафар намояндагони 40 давлати дунё баргузор карда шуд. Дар натиҷаи корбарию ҳамкориҳо ва вохӯриҳои дуҷонибаи ширкатҳои ватанию хориҷӣ, дар маҷмӯъ 44 санадҳои нави ҳамкорӣ (меморандумҳо ва созишномаҳо) дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, энергетика, нақлиёт, бонкӣ, зеҳни сунъӣ, рақамикунонӣ ва тандурустӣ ба имзо расонида шудаанд, ки аз он 32 санади тиҷоратию сармоягузорӣ маблағи беш аз 790 млн. долларро (8,7 млрд сомонӣ) ташкил медиҳад.

**Банди 49** (Омӯзиш ва пешниҳоди таклифҳо ҷиҳати ташкили бизнес инкубаторҳои хусусӣ (Private Business Incubators), краудфандинг (Crowdfunding), барномаҳои хусусии инкубатсия ва акселерасия (Business Accelartion Programs) ва марказҳои коворкинг (Coworking centers)).

Ҷиҳати иҷрои банди мазкур корбарӣ бо шарикони рушд, ҷиҳати омухтани таҷрибаи байналмилалӣ оид ба ташкили бизнес инкубаторҳои хусусӣ, краудфандинг, барномаҳои хусусии инкубатсия ва акселерасия, таҳлил ва таклифҳо дар семоҳаи аввали соли 2024 ба унвони Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон ирсол хоҳад шуд.

**Банди 50** (Омӯзиши масъалаи озодкунии соҳибкорони навкор ва бизнес инкубаторҳо аз пардохти андозҳо то ба фоидаи муайян ва ба мустақилияти молиявӣ расидани онҳо).

Бояд қайд намуд, ки вобаста ба масъалаи мазкур Кумита дар якҷоягӣ бо Кумитаи андоз мунтазам корбарӣ намуда, иттилоъ медиҳад, ки дар Кодекси андози амалкунанда (таҳрири нави соли 2022) ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, таҳкими механизмҳои ҳавасмандкунии фаъолияти соҳибкории навтаъсис як қатор имтиёзҳо ва сабукиҳо пешбинӣ карда шудааст.

Вобаста ба бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ қайд намудан зарур аст, ки тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” аз 15 марти соли 2023, №1952 раванди бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ боз ҳам сода гардида, мувофиқи принсипи “Равзанаи ягона” мӯҳлати анҷоми амали бақайдгирии давлатӣ аз 3 ва 5 рӯзи корӣ ба 24 соат ва имкониятҳои истифодаи тартиби электронии бақайдгирии давлатӣ пешбинӣ карда шудааст.

Тибқи иттилои Бонки миллии Тоҷикистон баррасии масъалаи аз пардохти андоз озод кардани соҳибкорони нав ва бизнес-инкубаторҳо то ба даст овардани фоидаи муайян ва истиқлолияти молиявӣ як икдоми муҳимест, ки метавонад ба рушди соҳибкорӣ ва таҳкими иқтисодиёт, ҷорӣ гардидани инноватсия, таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҷалби бештари сармоягузорӣ мусоидат намояд. Дар марҳилаи ибтидоӣ бизнес инкубаторҳо ва соҳибкорони нав (старт-тап) ба фоидаи кам ё ҳатто ба зиён рӯ ба рӯ мешаванд, дар баробари ин барои рушд ва пешбурди тиҷораташон хароҷоти зиёд доранд. Пардохти ҳатмии андоз метавонад як сарбории иловагии молиявӣ гардад, ки қобилияти соҳибкоронро барои сармоягузорӣ ба тиҷорати худ ва рушди минбаъдаи он маҳдуд намояд.

Озод кардани соҳибкорони нав ва бизнес-инкубаторҳо аз пардохти андоз то расидан ба сатҳи муайяни фоида метавонад барои рушди соҳибкорони навтаъсис фазои мусоид фароҳам оварад. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки барои таҳия ва таҳқиқот, маркетинг ва таблиғ бештар сармоягузорӣ кунанд. Чунин ҳавасмандкунӣ ба соҳибкорон кумак мекунад, ки гардиши тиҷорати худро суръат бахшанд ва имконияти муваффақияти онҳоро афзоиш диҳанд.

Дар ин раванд, Кодекси андоз дар таҳрири нав, ки аз 1 январи соли 2022 мавриди амал қарор гирифта низоми соддакардашудаи андозбандии субъектҳои фаъолияти инноватсионию технологиро пешбинӣ менамояд, ки субъектҳои номбурда то 31 январи соли 2026 аз пардохти ҳама гуна андозҳо, ба истиснои пардохти андози иҷтимоӣ, пардохти андоз аз даромади шахсони воқеӣ, инчунин дар лаҳзаи пардохти даромад дар манбаи пардохт, аз ҷумла суди саҳмияҳо ҳамчун агенти андоз, озод мебошанд.

Дар баробари ин, тибқи муқаррароти Кодекси андоз номгӯи фаъолияти инноватсионию технологӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, ки ба ҳолати 10 феврали соли 2023 (тибқи мактуби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 феврали соли 2023, №3-1-3/30 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) санади зикршуда қабул нашудааст. Бо назардошти он ки масъалаи мазкур воқеан ҳам таҳлили амиқи иқтисодиро талаб менамояд, мувофиқи мақсад аст, ки таҳти роҳбарии

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби вазорату идораҳои муваззафшуда гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, дар заминаи омӯзиши таҷрибаи дигар давлатҳо дар самти рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳамзамон нишондиҳандаҳои воқеии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаҷониба таҳлил гузаронида, баъдан пешниҳодҳо омода карда мешаванд. Бинобар ин, зарурати қабули сариваҳтии номгӯи фаъолияти инноватсионию технологӣ ба манфиати кор мебошад.

**Банди 51** (Ташкили технопаркҳо барои дастгирии соҳибкороне, ки ба машварати мутахассисон ва беҳтар кардани сифати маҳсулот ниёз доранд).

Тибқи иттилои Вазорати саноат ва технологияҳои нав оид ба супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таъсиси паркҳои технологӣ дар 30 ноҳияи алоҳидаи ҷумҳурӣ қитъаи замин ҷудо кардан зарур мебошад, ки соҳибкорон барои бунёди корхона ва коргоҳҳои истеҳсолӣ ҷалб карда шаванд.

Айни замон 8 парки технологӣ фаъолият дорад ё дар арафаи оғои фаъолият қарор дорад, аз ҷумла:

1. Дар ноҳияи Дарвоз ҶДММ «Парки инноватсионии саноатию технологӣ» бо 130 ҷойи корӣ ба фаъолият оғоз намуда, иборат аз ду гармхона бо муоситарин технология, 6 коргоҳи нави истеҳсолӣ, аз ҷумла аз коргоҳҳои истеҳсоли маҳлулҳои антисептикӣ, ниқоби тиббӣ, либос ва айнакҳои муҳофизатӣ, истеҳсоли обҳои ташнашикан, коргоҳи коркарду бандубасти асал ва истеҳсоли картон иборат мебошад.

2. Парки технологии “Pamir Tech Park”. Технопарки мазкур ҳамчун маркази нави касбомӯзӣ ва ҳунаромӯзӣ барои ҷавонон дар соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мусоидат хоҳад кард. Айни ҳол дар технопарки мазкур зиёда аз 120 ҷавони болаёқат кор ва фаъолият мекунад.

3. Фонди рушди инноватсия ва саноат дар шаҳри Душанбе. Муассисони Фонд ширкатҳои хусусии маҳаллӣ аз бахшҳои IT ва саноат мебошанд. Ҳадафи таъсиси ин Фонд бунёди экосистемаи инноватсионӣ ва технологӣ дар кишвар, рушди қарорҳои инноватсионӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт ва таъсиси ҷойҳои кории нав мебошад.

Айни замон дар Фонди мазкур 5 ширкати резидентии дорои зиёда аз 100 нафар корманд фаъолият мекунанд.

4. Парки технологии инноватсионии ноҳияи Панҷ. Парки технологӣ-инноватсионии н. Панҷ дар масоҳати 3 га ҷойгир буда, аз ин дар масоҳати 1 га аз ҷониби соҳибкор Пиров Соҳиб бунёди коргоҳи истеҳсоли макарон, корхонаи истеҳсоли орд, коргоҳи бандубасти хушкмева, корхонаи истеҳсоли равған ва коргоҳи пахтатозакунӣ ба нақша гирифта шуда, сохтмони корхонаҳои зикргардида пурра ва 90%-и корҳои васлу насби таҷҳизоти истеҳсолӣ ба охир расидааст.

5. Парки технологии “Ғаюр-1”. Дар парки мазкур сохтмон ва васлу насби таҷхизоти истеҳсолии корхонаҳои истеҳсоли лампаҳои диодӣ, уребчаҳо, халтаҳои гуногунҳаҷм ва салфетка ба охир расида, дар рӯҳои наздик ба фаъолият оғоз менамоянд.

6. Парки технологӣ дар ҷамоати М. Маҳмадалиеви ноҳияи Восеъ. Охири соли 2023 бо иштироки Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корхонаҳои истеҳсоли макарон, хушкмева, қаннодӣ ва якто сардхона ба истифода дода шуд.

7. Парки технологии ҶДММ “Моҳир-семант” дар ноҳияи Ёвон.

15 декабри соли 2023, бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корхонаи бузурги истеҳсолӣ дар масоҳати 6,3 га қитъаи замин бо иқтидори коркарди 200,0 ҳазор тонна гаҷ ва истеҳсоли 30,0 млн метри мураббаъ варақаҳои гаҷӣ дар як сол, ба маблағи 23,0 млн доллари ИМА бо таъсиси 150 ҷойи кории нав ба истифода дода шуд.

Инчунин, дар Парки мазкур коргоҳҳои истеҳсолии армстронг, хокаҳои андова, ва профилҳои гуногуни тунукагӣ ба истифода дода шуданд.

8. Парки технологии корхонаҳои заргарӣ дар шаҳри Душанбе аз ҷониби ҶДММ «КМ Зарафшон», ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой», ҶДММ «Пакрут» ва ҶДММ «ТВЕА Душанбе саноати кӯҳӣ» рафта истодааст. Тибқи маълумотҳои дастрасшуда, айни замон дар парки мазкур сохтмони 2 корхона ба анҷом расида, таҷҳизотҳои корӣ тибқи фармоиш барои васлу насб аз хориҷи кишвар оварда истодаанд.

Инчунин, тибқи иттилои Вазорати маориф ва илм вобаста ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ» дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Парки технологӣ таъсис дода шудааст.

Дар донишгоҳи миллии Тоҷикистон Парки технологии аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ташкилоти ғайритиҷоратӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун муассиса дар ҳудуди махсус таъсис дода шудааст, ки бо мақсади рушди илм ва истифодаи самараноки технологияи аълосифат барои қонеъ гардонидани талаботи истеҳсолот дар истифодаи технологияҳои навтарин ва тадбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва инвеститсионӣ фаъолият менамояд.

Мақсади асосии таъсиси Парки технологӣ аз ташкил ва гузаронидани дарсҳои амалии таҷрибаомӯзию тадқиқотҳои илмии донишҷӯён, магистрон, докторони PhD ва омӯзгорону кормандони илмии донишгоҳ, рушди имкониятҳои илмию техникӣ ва инноватсия ва инноватсионӣ ҷалби бештари донишҷӯён, аспирантон ва магистрон, омӯзгорон дар самти ҳамкории илмиву истеҳсолот, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ, технологӣ дар истеҳсолот, ҳамкории муасисаҳои илмӣ ва бизнес ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти босифати растанипарварӣ, чорводорӣ, зироатҳои сабзавотию полезӣ.

Заминаҳои модию техникии Парки технологӣ аз 4 – гармхонаи гулпарварӣ, 2 – гармхонаи лимупарварӣ, 2 – ҳавзҳои моҳипарварӣ. Ҳамзамон дар доираҳои масъалаҳои пешомада бо озмоишгоҳҳои илмию таълимии донишгоҳӣ хусусан; “Ихтиология”, ”Биотехнология”, ”Кишоварз” воқеъ дар КВТТ “Ҳисор”-и шаҳри Ҳисор ҳамкориҳои ҳамҷояро ба сомон мерасонанд. Ба ҳисоби миёна Парки технологии донишгоҳ дар як сол зиёда аз 120 ҳазор гулҳои мавсимии гуногун парвариш намуда дар роҳраву гулгаштҳои факултетҳо, саҳни донишгоҳ, майдони назди муҷассамаи А. Рӯдакӣ, шоҳроҳи

асосии мошингард ва хоҷагии таълимию таҷрибавии “Ҳисор” ва “Ёвон-1” шинонда мешаванд.

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар соли 2023 барои дастгирии соҳибкороне, ки ба машварати мутахассисон ва беҳтар кардани сифати маҳсулот ниёз доранд, технопарки алоҳида накушодааст. Дар баробари ин дар назди донишгоҳ парки технологӣ аз соли 2012 фаъолият карда истодааст ва дар соли 2022 барои ҶСК “Азот” курси касбомузӣ аз рӯи 9 ихтисоси коргарӣ бо ҷалби сокинони бекори ноҳияи Левакант ташкил намуд, ки онро зиёда аз 160 нафар, асосан занон хатм карда, дар ҶСК “Азот” соҳиби кори доимӣ гардиданд.

Инчунин, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Парки инноватсионию технологӣ фаъолият менамояд, ки ҳадафи асосии Парки мазкур рақобатпазир гардонидани донишҷӯёни донишгоҳ дар бозори меҳнат, тайёр кардани мутахассисони ба талаботи бозор ҷавобгӯ, ба курсҳои кутоҳмуддат фаро гирифтани ҷавонони аз 18-сола боло ва бо сертификат таъмин кардани онҳо мебошад. Барои фаъолияти босамари Парки мазкур дар Донишгоҳ синфхонаҳои барҳаво ва таҷҳизотҳои зарурӣ ҷойгир карда шудаанд. Заминаи моддию техникии Парки инноватсионию технологии Донишгоҳ имрӯз ба талаботҳои чунин намуди марказҳои таълимӣ ҷавобгӯ мебошад.

Фаъолияти курсҳои кутоҳмуддати омӯзишӣ аз рӯи ихтисосҳои дӯзандагӣ, қаннодӣ, кошонаи ҳусн, 1С баҳисобгирӣ бухгалтерӣ, роҳбалад-экскурсавод, фаҳанги меҳмондорӣ, заргарӣ, курсҳои кутоҳмуддати забономӯзӣ, омӯзиши барномаҳои компютерӣ ва ғайра дар назди Парки инноватсионию технологии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ташкили курси кутоҳмуддати 1С баҳисобгирӣ бухгалтерӣ, ки танҳо дар шашмоҳаи соли 2023 курси мазкурро беш аз 50 нафар хатм намуданд, маҳз ба хотири дастгирии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар нигаронида шуда, курси мазкур дар Донишгоҳ ройгон ба роҳ монда шуда, айни замон дар Филиали Донишгоҳ дар вилояти Суғд барои 38 нафар соҳибкорону ҷавонон, мутахассисони Донишгоҳ курси 1С баҳисобгирӣ бухгалтерӣ-ро меомӯзонанд.

**Банди 52** (Омӯзиш ва пешниҳоди таклифҳо ҷиҳати ҷорӣ намудани механизми муосири дастгирии молиявии бахши хусусӣ тавассути субсидиякунонии фоизи қарзҳои соҳибкорон, кафолатдиҳии фоизи муайяни маблағи қарзи соҳибкорон дар бонкҳои тиҷоратӣ ва маблағгузории муштараки лоиҳаҳои тиҷоратии соҳибкорон).

Таҷрибаи ҷорӣ намудани як намуд механизми муосири дастгирии молиявии бахши хусусӣ тавассути субсидиякунонии фоизи қарзҳои соҳибкорон, кафолатдиҳии фоизи муайяни маблағи қарзи соҳибкорон дар бонкҳои тиҷоратӣ дар Фонди ҷамъиятии “Соҳибкорӣ ва рушд” тариқи Акселерейт Просперити мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифт. Дар Тоҷикистон, Акселерейт Просперити (АП) моҳи сентябри соли 2016 ҳамчун Фонди Ҷамъиятии «Соҳибкорӣ ва Рушд» сабт шуда, намояндагиҳояшро дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Хоруғ ташкил намуд. Дар оғози фаъолияти худ

Акселерейт Просперити дар Тоҷикистон таҷрибаи инкубаторҳо ва акселераторҳои байналмилалиро дар рушди стартапҳо ва бизнесҳои мавҷуда, инчунин қонунгузории маҳаллиро дар соҳаи сармоягузорӣ омӯхта, механизми оптималии рушди малакаҳои соҳибкоронро омода намуда барои маблағгузорӣ ва додани қарзҳои имтиёзнок ба воситаи банкҳои тиҷоратӣ ба роҳ монд.

Қарздиҳии имтиёзнок. Бонки тиҷоратӣ, ки бо Акселерейт Просперити созишномаи ҳамкорӣ дорад, лоиҳаи пешниҳоднамудаи соҳибкоронро меомӯзад, ҳамаи ҳуҷҷатҳоро ҷамъ меорад ва маблағҳои худро ҳамчун қарз бо 18 фоизи солона медиҳад. Маблағҳои Акселерейт Просперити дар бонки тиҷоратӣ бо ҳамин миқдор маблағ ба пасандози 12% солона гузошта мешаванд, ки ҳамчун кафолати гирифтани қарз аз ҷониби соҳибкор ба бонки тиҷоратӣ амал мекунад. Дивидендҳое, ки Акселерейт Просперити бояд аз бонки тиҷоратӣ барои гузоштани пасандозҳояш гирад, бо назардошти пардохти андозҳо, аз ҷониби Акселерейт Просперити ба соҳибкорон барои руйпуш кардани як миқдори муайяни фоизи қарз, яъне субсидиякунонии фоизҳои қарз ба бонки тиҷоратӣ бармегардонад. Маблағи субсидия то 12 фоизро ташкил мекунад, ки ин миқдор ба 6 фоизи солонаи қарзи бонкӣ барои соҳибкорон мегардад, ки ҳамчун қарзҳои имтиёзнок ҳисобида мешавад. Ин намуд дастгирӣ танҳо ба ҳамон соҳибкороне дода меашавад, ки қарзи гирифтаашро мувофиқи мақсад истифода бурда, дар мӯҳлати муайянгардида баргардонида, ҷойҳои кории нав таъсис додаанд.

Бояд қайд намуд, ки механизми маблағгузорие, ки аз ҷониби Акселерейт Просперити ба соҳибкорон пешниҳод карда мешавад, барои худи Фонди Ҷамъиятии “Соҳибкорӣ ва Рушд” даромад ба даст намеорад, ва танҳо барои таъмини дастрасӣ ба маблағгузории имтиёзнок барои соҳибкорони навтаъсис ва ё соҳибкорони фаъолияткунанда барои рушди тиҷорати онҳо нигаронида шудааст.

Танҳо дар соли 2023, 389 нафар соҳибкорон аз барномаҳои Фонди Ҷамъиятии “Соҳибкорӣ ва Рушд” бархурдор гаштанд ва тавассути бонкҳои ҳамшарик ба 65 лоиҳаи пешниҳоднамудаи соҳибкорон 14,5 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзнок дода шуд.

Бо мақсади ҷорӣ намудани механизми муосири дастгирии молиявии бахши хусусӣ тавассути субсидиякунонии фоизи қарзҳои соҳибкорон, кафолатдиҳии фоизи муайяни маблағи қарзи соҳибкорон дар бонкҳои тиҷоратӣ ва маблағгузории муштараки лоиҳаҳои тиҷоратии соҳибкорон Кумита дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор аз ҷумла Бонки милии Тоҷикистон мунтазам тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намуда истодааст. Қайд намудан ба маврид, аст ки Бонки милии Тоҷикистон мунтазам қарзҳои ба соҳибкорон додашударо ба Кумита пешниҳод менамояд. Оид ба масалаи мазкур тадбирҳои иловагӣ роҳандозӣ гардида, тибқи тартиби муқаррааргардида, вобаста ба иҷроиши он дар соли 2024 иловатан маълумот пешниҳод карда мешавад.

Ин раванд тибқи Нақшаи амали барномаи мазкур солҳои 2023 2024-ро дар бар гирифта корбарӣ дар ин самт идома дорад.

**Банди 53** (Ҷорӣ намудани механизми муосири дастгирии молиявии бахши хусусӣ).

Тибқи иттилои Бонки миллии Тоҷикистон ҷорӣ намудани механизмҳои муосири дастгирии молиявии бахши хусусӣ барои ҳавасмандгардонии рушди он ва таҳкими нақши он дар иқтисодиёт вазифаи муҳим мебошад.

Пешниҳоди қарзҳо, аз ҷумла қарзҳои бетаъмин бо кафолати Фондҳои кафолатӣ яке аз механизмҳои нави дастгирии мизоҷон аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Фаъолияти фондҳои кафолати қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ, дастрасии молиявӣ ба соҳибкорони хурду миёна, пешгирии баландшавии сатҳи қарзҳои ғайрифаъол ва устувории низоми молиявӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Фондҳои кафолатии қарзӣ, ки ҳамчун мусоидаткунандаи рушди соҳибкории хурду миёна ба ҳисоб меравад ва дар ин асно барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум имконияти мусбӣ фароҳам меорад, дар аксар давлатҳо аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ ва ё грантҳои ба давлатҳо пешниҳодшавандаи ташкилотҳои байналмилалӣ ташкил карда мешаванд.

Вобаста ба ин, барои таъсиси фондҳои кафолатии қарзӣ, бо таҳияи заминаи ҳуқуқии он бояд талаботҳои байналмилалӣ ба инобат гирифта шаванд, ки яке аз онҳо принсипҳои фондҳои давлатии кафолати қарзӣ барои соҳибкории хурду миёнае, ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ таҳия гардидааст, мебошад.

Бинобар ин, айни замон Бонки Ҷаҳонӣ дар ҳамкорӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон дар раванди таҳияи лоиҳаи “Рушди соҳаи молиявӣ ва хусусии Тоҷикистон” қарор дорад. Дар доираи лоиҳаи номбурда ҷудо гардидани маблағҳои грантӣ барои инкишофи низоми фондҳои кафолатии қарзӣ дар кишвар пешбинӣ шудааст.

Яке аз механизмҳои муосири дастгирии молиявии бахши хусусӣ таъсиси фондҳои венчурӣ мебошад. Фондҳои венчурӣ ин ширкатҳои сармоягузорие, мебошанд, ки ба соҳибкорони навтаъсис маблағгузорӣ менамоянд. Фондҳои венчурӣ дорои захираҳои назаррас буда, барои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодиёт, таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд.

Механизми дигари дастгирии молиявӣ грантҳо ва қарзҳо барои рушди соҳибкорӣ мебошад. Онҳо метавонанд ҳам аз ҷониби созмонҳои давлатӣ ва ҳам сармоягузорони хусусӣ пешниҳод карда шаванд ва ба соҳибкорони навтаъсис барои рушди фаъолият маблағгузорӣ кунанд.

Дар баробари ин, дастгирии бахши хусусӣ ба монанди имтиёзҳои андозӣ, кам кардани номгӯӣ ҳуҷҷатҳои иҷозатномадиҳӣ ва беҳтар намудани сифати инфрасохторӣ барои рушди соҳибкорӣ мусоидат менамояд.

Тибқи иттилои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» санаи 18 майи соли 2023 байни КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ва Бонки давлатии рушди Хитой созишномаи қолабӣ оид ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷониба қабул гардида, дар асоси созишномаи мазкур санаи 25 сентябри соли 2023 созишномаи хати қарзӣ дар ҳаҷми 20 млн доллари ИМА ва

санаи 17 ноябри соли 2023 созишномаи хати қарзӣ дар ҳаҷми 100 млн юани чинӣ ба имзо расонида шуд.

Қарзҳои бонкӣ аз ҳисоби созишномаҳои хати қарзии мазкур бо доллари ИМА бо меъёри 8,5% солона ва бо юани чинӣ бо меъёри 8,0 фоизи солона, барои рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва соҳибкории хурду миёна равона карда мешаванд. Амонатбонк дар доираи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиҳати рушди иқтисоди миллӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар масоили ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ ба кишвар, чораандешӣ намуда, вобаста ба пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок аз ҳисоби маблағҳои ҷалбгардида ба соҳибкорони ватанӣ, омода мебошад.

Инчунин тибқи иттилои КВД БССТ “Саноатсодиротбонк” ҷиҳати дастрас намудани хизматрасониҳои бонкӣ равандҳои муосирро дар фаъолияти худ ҷорӣ намудааст. Аз он ҷумла, дар маҳсулотҳои қарзии Бонк, муштариёни фаъол имкон доранд, бе пешниҳоди таъминот ба андозаи то 50 фоизи гардиши миёнамоҳонаи суратҳисобашон аз Бонк қарз гиранд. Ҳамзамон, қайд менамоем, ки Саноатсодиротбонк дар хизматрасонии муштариён барои корбарӣ барномаи Интернет бонкингро роҳандозӣ намудааст, ки шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ имкон доранд бе ворид гардидан ба бинои Бонк амалиётҳои ҳисоббаробаркуниҳо, пардохти андозҳо, пардохтҳои коммуналӣ ва дигар амалиётҳоро дар дилхоҳ вақт ва макон анҷом диҳанд. Илова бар ин, соли ҷорӣ барои таъмини иҷрои ухдадориҳои пулӣ ва ё дигар ухдадориҳои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ аз ҷониби Бонк хизматрасонии кафолати бонкӣ роҳандозӣ гардидааст. Бо гирифтани кафолати бонкӣ муштариён метавонанд, бидуни гирифтани қарз ва баровардани маблағҳои худ аз муомилот бо шарикони худ хариду фурӯш ва дар музоядаҳо иштирок намоянд.

**Банди 54** (Мусоидат ба рушди воситаҳои ғайрианъанавии маблағгузории лоиҳаҳои соҳибкорон, аз ҷумла ҷамъоварии маблағ тавассути шабакаи интернет (краудфандинг), қарздиҳии байни ҷонибҳои баробар (peer to peer lending).

Тибқи иттилои Вазорати молия баҳри дастгирӣ ва рушди минбаъдаи соҳибкории хурду миёна ва дастрасии истеҳсолкунандагони ватанӣ ба қарзҳои имтиёзнок мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, № 390 муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» ба КВД бонки саноативу содиротии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк» табдил дода шуда, барои фаъолияти он ва дастгирии бахши хусусӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағҳои зарурӣ равона карда шудааст.

Тибқи иттилои Бонки миллии Тоиҷикистон ки соли 2014 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” қабул шудааст ва ба санаи 31 майи соли соли 2023 дар ҷумҳурӣ 1 адад бонки исломӣ ва 2 равзанаи бонкии исломӣ фаъолият менамоянд. Яъне қонуни мазкур фароҳам овардааст, ки дар ҷумҳурӣ амалиётҳои гайрианъанавӣ рушд ёбад.

Айни замон, ҷиҳати муайян намудани заминаи ҳуқуқӣ барои ташкили фондҳои венчурӣ ва краудфандингҳо бо коршиносони маҳаллӣ ва байналмилалӣ ҳамкорӣ ба роҳ монда шудааст. Пайдо гардидани асоси ҳуқуқӣ

имконият медиҳад, ки ҷалби сармояи хавфдошта барои дасгирии фишангҳои иноватсионӣ ва иштирокдорони бахши молиявӣ таъмин карда шавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҷалби сармоя ва рушди бахши хусусӣ ба соҳаҳои мухталиф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, пешрафти ин бахшҳо дар меҳвари таваҷҷӯҳи Ассосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Дар ин робита, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди татбиқшавии тадбирҳои ислоҳотиро амалӣ ва онро мунтазам пайгирӣ менамояд, ки яке аз ин самтҳо ба танзимкунии ташкили фазои фарогирии институтсионалӣ, истифодаи низоми электронӣ, такмили қонунгузории соҳавӣ ва коҳиш додани сатҳи сарбории маъмурӣ марбут мебошад. Дар ин робита, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди татбиқшавии тадбирҳои ислоҳотиро амалӣ ва онро мунтазам пайгирӣ менамояд, ки яке аз ин самтҳо ба танзими ташкили фазои фарогирии институтсионалӣ, истифодаи низоми электронӣ, такмили қонунгузории соҳавӣ ва коҳиш додани сатҳи сарбории маъмурӣ марбут мебошад.

Ҳамзамон, қайд менамоем, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар раванди таҳияи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав иштирок намуда, дар қисмати андозбандии амалиётҳои бонкии исломӣ тағйирот ворид намуд.

Дар натиҷа, пас аз бартараф гардидани монеаҳои андозбандии амалиётҳои бонкии исломӣ ташкилотҳои қарзии исломии кишвар мунтазам рушд намуда, дар муддати ёздаҳ моҳи соли 2023 ҳаҷми дороиҳои ташкилотҳои қарзии исломӣ ба андозаи 45,9 фоиз, уҳдадориҳо ба 2,1 маротиба, маблағгузориҳо ба 4,2 маротиба ва сармояи тавозунӣ 4,5 фоиз зиёд шудаанд.

**Банди 55** (Тарғиботи истифодаи воситаҳои муосири алтернативии маблағгузорӣ байни шаҳрвандон, аз ҷумла маблағгузори лоиҳаҳои соҳибкорони хурду миёна дар марҳаллаи аввалин, пеш аз ҳама ширкатҳои аз лиҳози технологӣ рушдкарда, маблағгузории муштарак (краудфандинг, краудинвестинг) тибқи таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ).

Бо мақсади истифодаи воситаҳои муосири алтернативии маблағгузорӣ байни шаҳрвандон, аз ҷумла маблағгузори лоиҳаҳои соҳибкорони хурду миёна дар марҳаллаи аввалин, пеш аз ҳама ширкатҳои аз лиҳози технологӣ рушдкарда, маблағгузории муштарак (краудфандинг, краудинвестинг) тибқи таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ) аз ҷониби Бонки милии Тоҷикистон таҷрибаи давлатҳои хориҷаи дуру наздик вобаста ба тарғиби истифодаи воситаҳои муосири алтернативии маблағгузории лоиҳаҳои соҳибкорони хурду миёна мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дорад. Бояд тазаккур дод, ки вобаста ба масъалаи мазкур тадбирҳои иловагӣ роҳандозӣ шуда, иловатан маълумоти мушахас манзур карда мешавад.

**Банди 56** (Тарғибу ташвиқ намудани фаъолияти соҳибкорӣ байни ҷавонон, занон ва маъюбони ҷумҳурӣ ).

Аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ мунтаззам корҳои фаҳмондадиҳӣ ва чорабиниҳои омузишӣ ҷиҳати тарғибу

ташвиқ намудани фаъолияти соҳибкорӣ байни ҷавонон, занон ва маъюбон баргузор менамояд. Дар давоми соли 2023 аз ҷониби Гурӯҳи кории доимоамалкунанда оид ба тақвият бахшидан ба рушди соҳибкорӣ байни занон, ҷавонон ва шахсони имконияташон маҳдуди назди Кумита якчанд ҷаласаҳои сайёрӣ, ҳамоишҳо ва дар якҷоягӣ бо Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба иҷрои тавсияҳои Иттиҳоди Аврупо (GSP+) дар бинои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи муштарак бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо ва соҳибкорон гузаронида шуд.

**Банди 57** (Дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории ҷавонон, занон ва маъюбони кишвар тариқи пешниҳоди қарз, грант, машваратдиҳӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди фаъолият).

Бо мақсади дастгирии молиявӣ ба занони соҳибкор аз ҷониби Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон хар панҷ сол қарори дахлдор “Дар бораи грантҳои Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ҷихати дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон” қабул мегардад, ки мутобиқи он ҳамасола аз ҳисоби буҷети ҷумхуриявӣ 80 гранти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда мешавад. То соли 2022 ҳаҷми маблағи дар як сол пешбинишудаи грант 2,0 млн сомониро ташкил медод. Бо максади боз ҳам беҳтар намудани дастгирии занони соҳибкор соли 2022 ба қарори мазкур тағйирот ворид карда шуда, андозаи маблағи аз буҷет ҷудошаванда ба 2,5 млн сомони баробар карда шуд.

Бинобар ин дар соли 2023 аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ 2,5 млн сомони пешбинӣ ва равона гардида, дар буҷети соли 2024 низ ба ҳамин андоза маблағ пешбинӣ гардидааст.

Гранти мазкур ба рушди фаъолияти соҳибкории занон, таъсиси ҷойхои нави корӣ, баланд бардоштани фаъолнокии занон дар бахши иқтисодиёт, таъмини рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат, ба шуғл ва касбомузӣ фаро гирифтани занону духтарон нигаронида шудааст.

Дар баробари ин, санаи 21 декабри соли 2023 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Умумиҷаҳонӣ барои маблағгузории лоиҳаи “Рушди бахшҳои молиявӣӣ ва хусусӣ” созишномаи грантӣ ба имзо расонида шуд.

Маблағи лоиҳаи мазкур 37,2 млн ҳуқуқи махсуси қарзгириро ташкил медидад, ки он ба 50,0 млн доллари амрикоӣ баробар буда, аз ҳисоби гранти Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд маблаггузорӣ мегардад.

Ҳадафи асосии лоиҳа ин таҳкими низоми суғуртаи пасандозҳо, мусоидат намудан ба қарздидии бонкӣ ба корхонаҳои хурду миёна ва мусоидат ба ҳамгироии корхонаҳои хурду миёна ба занҷирҳои арзиш мебошад.

Татбиқи лоиҳаи мазкур соли 2023 оғоз ёфта, анҷоми он 30 сентябри соли 2028 ба нақша гирифта шудааст.

Мавриди ба зикр аст, ки татбиқи лоиҳаи мазкур ҷиҳати дастрасӣ ба маблағгузорӣ ва иштироки занон дар корхонаҳои хурду миёна, аз ҷумла ҷорӣ намудани кафолат ба қарзҳо барон дастгирӣ ва васеъ намудани дастрасии занони соҳибкор ба маҳсулотҳои қарзӣ ба таври назаррас мусоидат менамояд.

Тибқи иттилои Бонки миллии Тоҷикистонбо мақсади афзун намудани ҳаҷми қарз ба соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ, аз ҷумла пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва маблағгузориҳо барои рушди соҳибкории хурду миёна, аз ҷумла

ба занони соҳибкор ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ тавсия дода шудааст, ки масъалаи додани қарзҳоро таҳлил карда, барои бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта дар ин самт тадбирҳо андешанд.

Дар натиҷа, дар моҳҳои январ-ноябри соли 2023 ҳаҷми умумии қарзҳои додашудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба занҳои соҳибкор 4 382,6 млн. сомониро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 1049,1 млн. сомонӣ ё 31,5 фоиз афзудааст.

Тибқи иттилои Вазорати рушди иқтисод ва савдо бо мақсади дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории ҷавонон, занон ва маъюбони кишвар тариқи пешниҳоди қарз, грант, машваратдиҳӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди фаъолият Вазорат пайваста бо мақомоти дахлдор ҳамкорӣ ва тадбирҳои заруриро роҳандозӣ менамояд.

Аз ҷумла дар давоми нимсолаи якуми соли 2023 лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии рушди соҳибкории бонувон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»-ро баррасӣ намуда, вобаста ба такмили он пешниҳодҳои зарурӣ ба мақомоти марбута манзур намудааст. Инчунин, дар кори Комиссияи грантӣ дар соли 2023, ки аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор дар назди Кумитаи кор бо занон ва оила бо мақсади дастгирии занону бонувони соҳибкори кишвар таъсис дода шудааст, вазорат иштироки намояндаи худро таъмин ва ҳамкории самаранокро ба роҳ мондааст. Илова бар ин, вазорат ҳамасола лоиҳаи Нақшаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёна ва ибтидоии касбиро таҳия менамояд, ки дар нақшаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии ҷумҳурӣ барои соли таҳсили 2023-2024 ҷиҳати дастгирии соҳибкории занону бонувони кишвар аз рӯйи ихтисоси «350015501-гулдӯзи маҳсулоти бофандагӣ ва чарчиноварӣ» ва «350015503-дӯзанда пардадӯз» ва аз рӯйи дигар намуди ихтисосҳо дар маҷмуъ 1190 ҷой пешбинӣ намудааст.

Тибқи иттилои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар соли 2023 аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ, барои рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкории хурд ба 2802 нафар шаҳрванди бекор, 10 млн. 755 ҳазору 418 сомонӣ кӯмаки молиявӣ дода шуд.

Аз ҷумла, дар ВМКБ ба 412 нафар шаҳрванди бекор 1 млн. 412 ҳазору 427 сомонӣ, вилояти Суғд ба 751 нафар, 2 млн. 885 ҳазору 640 сомонӣ, вилояти Хатлон ба 776 нафар, 3 млн. 319 ҳазору 431 сомонӣ, шаҳри Душанбе ба 91 нафар, 424 ҳазору 600 сомонӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 772 нафар ба андозаи 2 млн. 713 ҳазору 320 сомонӣ пардохт гардид.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми бархурдор шудани шаҳрвандони бекор аз қарзҳои имтиёзноки мазкур, онҳо ба фаъолиятҳои тиҷоратӣ, хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва истеҳсолӣ машғул мешаванд.

Ҳамзамон, дар самти мазкур ҷиҳати дастгирии соҳибкории хурди занон ва ҷавонон ба 1603 нафар зан 6 млн. 152 ҳазору 099 сомонӣ ва ба 1051 нафар ҷавон 4 млн. 044 ҳазору 037 сомонӣ кӯмаки молиявӣ пардохт гардид.

Дар давраи баррасишаванда аз маблағи умумии дар гардиши фаъолияти соҳибкории хурди шаҳрвандон буда 10 млн. 305 ҳазору 124 сомонӣ

баргардонида шудааст. Аз ҷумла, аз ҷониби мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ВМКБ – 1 млн. 490 ҳазору 746 сомонӣ, вилояти Суғд – 2 млн. 853 ҳазору 399 сомонӣ, вилояти Хатлон – 3 млн. 065 ҳазору 621 сомонӣ, шаҳри Душанбе – 374 ҳазору 934 сомонӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 2 млн. 520 ҳазору 424 сомонӣ.

Дар ин раванд, ҷиҳати дастгирӣ ва эҳёи намудҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ, мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба 990 нафар шаҳрвандон ба андозаи 3 млн. 843 ҳазор 319 сомонӣ кӯмаки молиявӣ расонид.

Таҳлили таркибии соҳибкории шаҳрвандони бекоре, ки феълан ба рушди ҳунарҳои мардумӣ машғуланд, нишон медиҳад, ки фаъолияти онҳо асосан ба дӯхтани либосҳо ва нақшу нигори миллӣ, бофандагӣ, кандакорӣ, истеҳсоли маснуот аз чӯб, кулолгарӣ, заргарӣ, чакандӯзӣ, пухтани маҳсулоти нонию қанодӣ ва таомҳои миллӣ равона гардидааст.

Аз ҷумла, дар ин давра ҷиҳати дӯхтани либосҳо ва нақшу нигори миллӣ (зардӯзӣ, сузанӣ, чакан, қуроқдузӣ, кафшдузӣ, курпа ва курпачадузӣ) ба 492 нафар шаҳрванди бекор 1 млн. 912 ҳазор сомонӣ, барои бофандагӣ (атласу адрасбофӣ, читгарӣ, гилембофӣ, қолинбофӣ, муҳрабоф, ҷӯроббофӣ) ба 62 нафар шаҳрванд, 153 ҳазору 682 сомонӣ, барои кандакорӣ ва истеҳсоли маснуот аз чӯб (сандуқсоз, гаҳворасоз, қошуқутабақтарош, сабадбоф) ба 33 нафар дар ҳаҷми 110 ҳазору 600 сомонӣ, барои истеҳсоли маснуоти кулолгарӣ (кӯзасоз, дегдону чакдонсоз, ҳуштаксоз ва маҳсулоти армуғони аз гил ва ғайра) ба 1 нафар, 2000 сомонӣ, барои коркарди фулузот ва истеҳсоли асбобҳои кишоварзӣ (оҳангарӣ, мисгарӣ, рехтагарӣ, сурнай, карнай, истеҳсоли асбобҳои кишоварзӣ, кордсозӣ) ба 9 нафар 26975 сомонӣ, пухтани маҳсулоти нонию қаннодӣ (гирдача, фатир, кулча, қалама, чапотӣ, шириниҳо, самбуса) ба 135 нафар 536 ҳазору 022 сомонӣ, пухтани таомҳои миллӣ ба 31 нафар 103 ҳазору 900 сомонӣ, истеҳсоли маҳсулоти ширӣ (маска, равған, панир, чакка, қурут ва дуғ) ба 216 нафар 953 ҳазору 440 сомонӣ ва барои фаъолияти замбурпарварӣ ба 11 нафар ба андозаи 44 ҳазору 700 сомонӣ кӯмаки молиявӣ расонида шуд.

**Банди 58** (Ҷалб намудани ҷавонон аз даврони мактабхонӣ ва донишҷӯӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла тавасути гузаронидани озмунҳои ихтироъкорони ҷавон, ба монанди «стартап – чойхона» дар мактабҳо ва донишгоҳҳо )

Муассисаи давлатии “Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ”-и назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар ҳамкорӣ бо Барномаи Рушди Созмони Милалии Муттаҳид тариқи лоиҳаҳои «Тавонмандсозии ҷавонон тавассути рушди малака ва пешбурди инноватсия дар Тоҷикистон» ва «Маблағгузории Ҳадафҳои рушди устувор дар Тоҷикистон» дар давоми солҳои 2022-2023 дар донишгоҳҳо озмуни «стартап – чойхона» ҷиҳати ҷалб намудани ҷавонон аз даврони мактабхонӣ ва донишҷӯӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ гузаронида, ғолибон бо мукофоти пулӣ қадрдонӣ карда шуданд.

Инчунин, дар давоми соли 2023 аз ҷониби муассисаи болозикр дарсҳои омузишӣ оид ба фаъолияти соҳибкорӣ дар донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуданд.

**Банди 60** (Такмили қонунгузории ҷумҳурӣ дар самти рушди соҳибкорӣ байни ҷавонон, занон, маъюбон ва соҳибкории инноватсионӣ).

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар якҷоягӣ бо Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи давлатии рушди соҳибкории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2027” таҳия намуда, барномаи мазкур тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2023, №545 ба тасвиб расид.

Мақсади асосии Барномаи мазкур рушди иқтисодиёти мамлакат тариқи зиёд намудани шумораи бонувони соҳибкор, ташкили ҷойҳои нави корӣ, пурзӯр намудани заминаҳои қонунгузории фаъолияти занони соҳибкор, асосан дар соҳаи инноватсия ва дигар ҷанбаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Инчунин, санаи 28-уми ноябри соли 2023 дар доираи ҷаласаи XXIII Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ таҳлил оид ба рушди соҳибкории ҷавонон пешниҳод карда шуда, дар заминаи он супориш ба Кумитаи давлатии сармогузорӣ ва идораи амволи давлатӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои алоҳида оид ба рушди соҳибкории ҷавонон то ҷаласаи навбатӣ дода шуд.